КОНСТИТУТСИЯ – ОЛИТАРИН САНАДИ ҲУҚУҚӢ

*ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ Ӯ АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД*

# МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

E-mail: law.tnu.tj@gmail.com

НАШРИЯИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ **** № 6 (198) 17-УМИ ОКТЯБРИ СОЛИ 2024, ҶУМЪА



Дар асоси Конститутсия таъмин намудани соҳибихтиёрӣ, истиқлолу озодӣ ва тамомияти арзии кишвар вазифаи асосии давлат буда, тағйирнопазир будани шакли идораи кишвар, моҳияти демократӣ, ҳуқуқбунёду дунявӣ ва иҷтимоии давлат ҳамчун меъёрҳои пойдору устувори он эътироф гардидаанд.

Дар ин санади бунёдии давлат мақсаду вазифаҳо, асосҳои сохтори давлатдорӣ, рамзҳои давлатӣ, ҳудуди кишвар, муносибат ба моликият, самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба таври возеҳу равшан инъикос шудаанд.

Имрӯз вазифаи ҷониву муқаддаси ҳар яки мо аз он иборат аст, ки ба арзишу меъёрҳои Конститутсия арҷ гузорем ва дар асоси ин бахтномаи миллат дар роҳи ноил шудан ба ҳадафҳои давлати озоду соҳибистиқлоламон кӯшиши боз ҳам бештар ба харҷ диҳем.

Эмомалӣ РАҲМОН

## ДАР ИН ШУМОРА:

АЗ ФАЪОЛИЯТИ НУҲМОҲА ТО БАРРАСИИ ДАСТУРУ СУПОРИШҲОИ МУШАХХАС с. 2

ДАСТОВАРДИ НАЗАРРАСИ ДОНИШҶӮИ ФАКУЛТЕТ ДАР ФИНАЛИ ОЛИМПИАДАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ «БЕХАТАРИИ МОЛИЯВӢ» с. 3

ОЛИМИ БОАМАЛ ВА ИНСОНИ ВОЛОХИРАД с. 4-5

САНАДИ ХУШБАХТӢ ВА БАҚОИ МИЛЛАТ с. 7

75 СОЛИ РУШДИ КАМОЛОТ с. 8-9

ПРАВОВОЕ ПРОСВЕЩЕНИЕ: МОЛОДЁЖЬ И ЗАНЯТОСТЬ с. 10

ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ - НИШОНАИ ПАСТ БУДАНИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ с. 15

ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ Ӯ АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД
МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

**Муассис:**
Факултети ҳуқуқшиносии ДМТ
www.law.tnu.tj

**Сармуҳаррир:**
Миралӣ СОБИРОВ
www.law.tnu.tj@gmail.com

**Муовини сармуҳаррир:**
Азимҷон ҶУРАЕВ
**Муҳаррир:**
**Яқуб ҲАКИМОВ**
**Тарроҳ:**
Акмал Шарипов

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**
**Мирзозода П.З.**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, декани факултети ҳуқуқшиносӣ;
**Сафарзода Б.А.**
профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ;
**Маҳмудов И.Т.**
мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ;
**Раҳимзода М.С.**
муовини декан оид ба илм ва инноватсия;
**Сулаймонов Ф.С.**
дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ.

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**
**Насриддинзода Э.С.**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ, ректори ДМТ.
**Ватанзода М.М.**
Муовини аввали раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ.
**Раҳмон Д.С.**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, ректори ДДК ба номи А. Рӯдакӣ.
**Маҳмудзода М.А.**
профессори кафедраи ҳуқуқи гражданӣ, академики АМИТ.
**Раҳимзода М.З.**
профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат, узви вобастаи АМИТ.

**ШАРТҲОИ ҚАБУЛИ МАВОД:**
Дастнавис қабул карда намешавад.
Мавод бояд бо ҳуруфи Times New Roman Tj 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад.
Рӯзнома на ба ҳамаи андешаи муаллифон мувофиқ аст ва ақоиди мухталифро ба хотири риояи чандандешӣ ба табъ мерасонад.
Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги ҶТ таҳти №0336/рз аз 18-уми марти соли 2016 ба қайд гирифта шудааст.

Нишонии идора: ш. Душанбе, Буни Ҳисорак, шаҳраки Донишҷӯён, факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.
Телефон: (+992) 918-15-05-05
(+992) 988-15-73-73
Теъдод: 1000
Навбатдори шумора:
**Шерзода Бурҳоналӣ**

# КОНСТИТУТСИЯ – ОЛИТАРИН САНАДИ ҲУҚУҚӢ

## (ТАБРИКОТИ РЕКТОРИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН, ДОКТОРИ ИЛМҲОИ ҲУҚУҚШИНОСӢ, ПРОФЕССОР НАСРИДДИНЗОДА ЭМОМАЛӢ САЙФИДДИН БАХШИДА БА 30-ЮМИН СОЛГАРДИ ҚАБУЛИ КОНСТИТУТСИЯИ ҶТ)



Боиси ифтихору шукргузорист, ки имрӯз мардуми шарафманди тоҷик дар фазои сулҳу субот ва оромиву осоиштагӣ 30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҷлил менамоянд. Маҳз дар натиҷаи татбиқи бомароми меъёрҳои Қонуни асосӣ ва амалисозии ислоҳоти конститутсионӣ дар тамоми соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат ва фаъолияти давлатӣ дигаргуниҳои куллӣ ва таҳаввулоти азим ба вуқуъ пайваста, барои таъмини зиндагии арзанда ва пурнишоти сокинони кишвар, рушди бемайлони иқтисоди миллӣ, таҳкими рукнҳои давлатдорӣ, ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва афзун намудани нуфузу эътибори Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ шароити арзанда фароҳам оварда шуданд.

Мо дар рӯзҳое ҷашни навбатии ин санади сарнавиштсозро таҷлил менамоем, ки соли равон дар Ватани маҳбубамон 33-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо шукуҳу шаҳомати хосса таҷлил мегардад. Бо шукргузорӣ аз самараву баракати Истиқлоли давлатӣ, дар натиҷаи ибтикороти пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи эъмори давлати демокративу ҳуқуқбунёд, таҳкими давлатдории миллӣ, таъмини сулҳу ваҳдати комил, боло бурдани сатҳи некуаҳволии мардум, таъмини рушди устувори соҳаҳои ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ, амалишавии ҳадафҳои стратегии кишвар, бунёди ҷомеаи адолатпарвар ва боло бурдани мақому манзалати Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ корҳои бузург амалӣ шуда истодаанд.

Бо самимитарин паёми шодбошӣ ва бо як ҷаҳон таманниёти нек устодону кормандон ва донишҷӯёни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, инчунин мардуми қавиродаву хирадпешаи тоҷикро ба ҷашни пуршукӯҳи 30-юмин солгарди қабули муқаддастарин ва арзишмандтарин ҳуҷҷати сиёсиву ҳуқуқии кишвар – Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар роҳи эъмори давлати демокративу ҳуқуқбунёд, таҳкими давлатдории миллӣ, ҳифзи манфиатҳои миллӣ, таъмини сулҳу субот, ваҳдати комил ва ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд саҳми беназир дорад, самимона шодбош мегӯям.

# АЗ ФАЪОЛИЯТИ НУҲМОҲА ТО БАРРАСИИ ДАСТУРУ СУПОРИШҲОИ МУШАХХАС

Санаи 8-уми октябри соли равон дар ҷаласаи назоратии ректори ДМТ, профессор Насриддинзода Э.С., ки бо садорати факултетҳо ва сохторҳои гуногуни Донишгоҳ доир гардид, омодагиҳо ба ҷамбасти фаъолияти нуҳмоҳа, инчунин, масъалаҳои мубрами самтҳои илму таълим ва молиявию байналмилалӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Ректори Донишгоҳ доир ба фаъолияти назаррасИ сохторҳои марбутаи Донишгоҳ суханронӣ намуда, дар самти иҷрои дастуру супоришҳо тавсияҳои судманд дод. Зикр гардид,





ки вазифаи муҳими аҳли Донишгоҳ, қабл аз ҳама, татбиқи тадриҷии дастуру ҳидоятҳои Пешвои миллат дар раванди таълиму тарбия ва ҷоннок намудани корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, инчунин, баҳри татбиқи сиёсати маорифпарваронаи Президенти кишвар ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати баланд бардоштани нуфузу эътибори Донишгоҳ ва мавқеи омӯзгор мебошад.

Дар фарҷом барои боз ҳам беҳтар шудани фаъолияти сохторҳои Донишгоҳ, ҷиҳати иҷрои як қатор нақшаи чорабиниҳо ва барномаҳои давлатӣ дастуру супоришҳои мушаххас дода шуд.

# ЗАБОН ВА ҲУВВИЯТИ МИЛЛӢ





Таҳти ин унвон нимаи аввали рӯзи 2-юми октябри соли 2024 дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ семинари ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба «Рӯзи забони давлатӣ» ва «Соли маърифтаи ҳуқуқӣ» баргузор гардид.

Дар кори он роҳбарияти факултет, устодону кормандон, олимони соҳа, ва аспирантону унвонҷӯён иштирок доштанд.

Декани факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Мирзозода П.З. зимни ироаи аввалсуханони худ нахуст ҳузури муборaки меҳмонон ва аҳли нишастро хайру мақдам гуфта, сипас ба аҳамият ва зарурияти мавзуи матраҳшаванда, ишора намуданд ва ба масъулин барои гузаронидани чунин ҳамоиши илмии сатҳи баланд изҳори сипосу миннатдорӣ намуданд.

Сипас аз рӯйи барномаи кории ҳамоиши илмии мазкур баромадкунандаҳо оид ба паҳлуҳои гуногуни мавзуъҳои худ маърӯзаҳо қироат карданд. Маърӯзачиён зимни баромади худ ба аҳамият ва мубрамияти мавзӯи баррасишаванда андешаҳои судманд баён намуда, дурнамои онро барои чанд соли дар пеш истода муайян намуданд.

Ҳамин тариқ дар кори конфронси фавқуззикр табодули афкори судманд миёни маърӯзачиён ва аҳли нишаст доир гашта, таклифу тавсияҳо ва пешниҳодҳои судманд ҷиҳати такмили қонунгузории кишвар дар соҳаҳои мухталиф ба миён гузошта шуд ва дар ниҳояти кор қатъномa қабул карда шуд.

# ДАСТОВАРДИ НАЗАРРАСИ ДОНИШҶӮИ ФАКУЛТЕТ ДАР ФИНАЛИ ОЛИМПИАДАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ «БЕХАТАРИИ МОЛИЯВӢ»



Аз 29-уми сентябр то 4-уми октябри соли 2024 дар шаҳри Сочии Федератсияи Россия олимпиадаи байналмилалии «Бехатарии молиявӣ» баргузор гардид, ки дастаи олимпии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро дар бахши ҳуқуқ донишҷӯи соли 4-уми факултети ҳуқуқшиносӣ Саёҳат Назарова муаррифӣ карда, сазовори ҷои ифтихорӣ ва соҳиби шаҳодатномаи олимпиадаи мазкур гардид.

Бояд қайд намуд, ки олимпиадаи байналмиллалии «Бехатарии молиявӣ» аз соли 2021 бо фармони Президенти Федератсияи Россия Владимир Путин бо иштироки аъзоёни ИДМ, БРИКС ва дигар давлатҳо баргузор мегардад, ки имсол дар он 600- нафар намояндагони беш аз 36-давлати дунё ширкат варзиданд.

Боиси ифтихор аст, ки донишҷӯи факултети ҳуқуқшиносӣ дар финали олимпиадаи зикргардида, натиҷаи назаррас нишон дода, факултет ва донишгоҳро дар сатҳи баланд муаррифӣ намуд.

Садорат ва ҳайати устодону кормандони факултети ҳуқуқшиносӣ Назарова С.-ро бо ин дастовард табрик намуда, барояш муваффақият ва фатҳи қуллаҳои баланди илмиро таманно менамояд.




# СУҲБАТУ ВОХӮРИҲОИ СУДМАНДИ САДОРАТИ ФАКУЛТЕТ ДАР ХОБГОҲ



Санаи 30.09.2024 дар толори хобгоҳи рақами 8-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тибқи нақшаи таҳияшудаи раёсати донишгоҳ, суҳбату вохӯриҳои декани факултети ҳуқуқшиносӣ, д.и.ҳ., профессор Мирзозода П.З. баргузор гардид. Дар вохӯрии мазкур масъулини хобгоҳ, муовинони декан ва дигар устодону кормандони факултет иштирок намуданд.

Қайд кардан зарур аст, зимни суҳбат Мирзозода П.З. саравval оид ба одобу ахлоқ, тозагиву озодагии ҳуҷраҳо сухан ронда, риояи қоидаҳои тартиботи дохилии хобгоҳ ва донишгоҳро муҳим арзёбӣ намуд. Аз ҷумла қайд гардид, ки донишҷӯён бояд аз шароити муҳайёнамудаи роҳбарияти донишгоҳ самаранок истифода намуда, ба ҳама ғамхориҳои ректори донишгоҳ доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Насриддинзода Эмомалӣ Сайфиддин арҷ гузоранд. Зеро хобгоҳ макони муқадассест, ки муҳити он зиндагии ҳар як донишҷӯро рангин менамояд.

Ҳамзамон аз донишҷӯён даъват ба амал оварда шуд, ки ҳушёрию зиракиро аз даст надода, манфиатҳои милливу давлатиро ҳамеша ҳифз намоянд. Қайд гардид, ки донишҷӯён вазифадоранд, ки шабакаҳои иҷтимоиро самаранок истифода намуда, аз воридшавӣ ба ҳизбу ҳаракатҳои террористию экстремистӣ худдорӣ намоянд.



# ДОНИШҶӮЁНИ ФАКУЛТЕТ ДОРАНДАИ НИШОНИ “АЪЛОЧИИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН”




Раҷабзода Хусрав - донишҷӯи курси 4 аз рӯй ихтисоси 24010200- ҳуқуқшинос (умумӣ): гурӯҳи русӣ.

Пайваста шогирдонаш дар даврҳои ноҳиявӣ, шаҳрӣ ва ҷумҳуриявии Олимпиадаи фаннии хонандагон иштироки фаъолона менамоянд. Махсусан, дар соли таҳсили 2023-2024 17 нафар шогирдонаш дар даври ҷумҳуриявии олимпиадаи фаннии хонандагон сазовори ҷойҳои 1, 2 ва 3-юм гардиданд.

Ҳамзамон, 1 нафар шогирдаш дар даври ниҳоии озмуни ҷумҳуриявии «Маърифати ҳуқуқӣ -ойини худшиносӣ» сазовори ҷойи аввал гардида, бо мукофоти пулӣ дар ҳаҷми 10000 сомонӣ ва ифтихорномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардонида шуд.



Ғоибова Хосиятбону - донишҷӯи курси 3 аз рӯй ихтисоси 24010200- ҳуқуқшинос (умумӣ): гурӯҳи англисӣ.

Шогирдони эшон низ пайваста дар даврҳои ноҳиявӣ, шаҳрӣ ва ҷумҳуриявии Олимпиадаи фаннии хонандагон иштироки фаъолона менамоянд. Дар соли таҳсили 2023-2024 7 нафар шогирдонаш дар даври ҷумҳуриявии олимпиадаи фаннии хонандагон сазовори ҷойҳои 1, 2 ва 3-юм гардиданд.

Ҳамзамон, 1 нафар шогирдаш дар даври ниҳоии озмуни ҷумҳуриявии «Маърифати ҳуқуқӣ -ойини худшиносӣ» сазовори ҷойи сеюм гардида, бо мукофоти пулӣ дар ҳаҷми 5000 сомонӣ ва ифтихорномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон сарфароз гардонида шуд.

Аз ин рӯ, садорат, ҳайати устодону кормандон, донишҷӯён ва идораи рӯзномаи “Минбари ҳуқуқшинос” Раҷабзода Х. ва Ғоибова Х.-ро ба ин дастовардашон аз самими қалб муборакбодӣ намуда, ба онҳо рӯзгори хушу осуда ва фатҳи қуллаҳои нави илмиву эҷодиро баҳри пешбари илми тоҷик таманно менамояд.

# ДОНИШҶӮИ ФАКУЛТЕТ ҒОЛИБИ ДАВРИ ШАҲРИИ ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ “ИЛМ – ФУРӮҒИ МАЪРИФАТ”

Таҳти сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон солиёни зиёд аст, ки, дар кишвар озмунҳои гуногуни ҷумҳуриявӣ баргузор мегардад. Мақсад аз баргузории ин озмунҳо баланд бардоштани завқи китобхонӣ, тақвияти неруи зеҳнӣ, дарёфти чеҳраҳои нави суханвару сухандон ва ҳамчунин арҷ гузоштан ба арзишҳои миллию фарҳангӣ маҳсуб меёбад.

Аз зумраи нафароне, ки пайваста дар ин ингуна озмунҳо ширкат меварзад донишҷӯи курси якуми ихтисоси фаъолияти судӣ, прокурорӣ ва муфаттишии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Саидбекзода Ганҷур мебошад. Номубрда дар даври шаҳрии Озмуни ҷумҳуриявии «Илм - фурӯғи маърифат» аз рӯйи номинатсияи «Ихтирокорӣ ва навоварӣ» иштирок намуда, сазовори ҷойи сеюм гардид.







Аз ин рӯ, садорат, ҳайати устодону кормандон ва донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, Саидбекзода Г.-ро барои ғолиб омаданаш дар ин даври озмун самимона табрику шодбош намуда, ба ӯ дар дигар даврҳову озмунҳо барору комёбиҳои беназирро таманно менамояд.

*Мақом ва мавқеи одамон дар ҷомеа гуногун аст. Хушбахту саодатманд онҳоеанд, ки дар миёни мардум обру ва иззати хоса доранд. Албатта, агар чунин обру аз меҳнати ҳалол, хулқу атвори нек, масъулиятшиносию кордонӣ ба даст омада бошад. Ва табиист шахсеро, ки бинобар хулқу атвори неку покниятӣ ва заҳматпешагиаш одамон самимона эҳтиром мекунанд, мақоми шоиста дорад.*

*Профессор Раҳимзода Маҳмад Забир чунин мақомро соҳиб аст ва умри бобаракати хешро дар донишандӯзӣ, илмомӯзӣ, эҷоди қонун ва хизмати содиқона ба халқу Ватан сарф кардааст. Таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаро дар мактаб-интернати рақами 2-и шаҳри Душанбе анҷом дода, ба факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон (ҳоло ДМТ) дохил мешавад ва онро соли 1978 бо Дипломи аъло хатм мекунад. Сипас дар ҳамон ҷо ба ҳайси ассистенти кафедраи “Ҳуқуқи маданӣ” ва баъди таҷдиди он дар кафедраи “Қонунгузории хоҷагӣ ва ҳуқуқи меҳнатӣ” ба ҳайси ассистент, дотсент ва профессори кафедраи “Ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷоратӣ” фаъолияти илмию омӯзгорӣ намудааст. Фаъолияти пайвастаи илмию эҷодии мавсуф дар як муддати кӯтоҳ самараҳои хуб ба бор овардаанд. Соли 1985 рисолаи номзадиро дар мавзӯи «Иҷрои мутақобилаи уҳдадориҳои шартномавии ҳуқуқи маданӣ дар байни корхонаҳои сотсиалистӣ», таҳти роҳбарии Арбоби хизматнишондодаи илм ва техникаи Тоҷикистон В. А. Ойгензихт ҳимоя намуда, соҳиби дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ гардид ва соли 2000 рисолаи доктариро дар мавзӯи «Проблемаҳои ҳуқуқии таъмини ноил шудан ба натиҷаи ниҳоии фаъолияти соҳибкорӣ» ҳимоя намуда, сазовори унвони доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ шуд. Дар ин миён соли 1987 бо қарори Кумитаи давлатии ИҶШС оид ба маориф сазовори унвони илмии дотсент ва соли 2010 бо фармони Хадамоти федералӣ оид ба назорат дар соҳаи маориф ва илми Федератсияи Россия сазовори унвони илмии профессор гардидааст.*

# ОЛИМИ БОАМАЛ



Раҳимзода Маҳмад Забир дар баробари фаъолияти илмию эҷодӣ, аз соли 1985 то соли 1993 ба ҳайси муовин ва мовини аввали декани факултети ҳуқуқшиносӣ фаъолият намуда, аз соли 1994 то соли 2000-ум мудири кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷоратии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи Миллии Тоҷикистон буд. Соли 2017 узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон интихоб шуда, соли 2020 сазовори Ҷоизаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино дар соҳаи илм ва техника дар бахши илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва гуманитарӣ гардид.

Комёбиҳои эҷодӣ, илмӣ ва омӯзгории профессор Маҳмад Раҳимзодаро ба сифати олими шинохтаи соҳаи илми ҳуқуқшиносӣ дар ҷумҳурӣ ва берун аз он машҳур гардонид. Имрӯз вай ба қуллаи баланди камолоти эҷодӣ расидааст ва ҳангоме, фаъолияти пурмаҳсули уро ба риштаи таҳлил мекашед, ба хулоса меоед, ки умри бобаракати хешро беҳуда сарф накардаанд. Давоми зиёда аз 45 соли фаъолияти меҳнатӣ зиёда аз 480 рисолаи илмӣ, китобҳои дарсию васоити таълимӣ-методӣ, тафсирҳо ва мақолаҳои илмию оммавӣ таҳия кардааст. То ба имрӯз зиёда аз 80 асар , аз ҷумла 15 монография, 15 китоби дарсӣ, 25 тафсири кодекс ва қонунҳо, 28 китоб ва васоити таълимӣ нашр намудааст. Асарҳои профессор Раҳимзода М.З. натанҳо дар дохили кишвар, балки берун аз он, аз ҷумла, дар Арманистон, Қазоқистон, Латвия, Олмон, Ӯзбекистон, Федератсияи Россия (Москва, Санкт-Петербург, Куйбишев, Тюмен, Уфа, Омск, Қазон) ва Эрон ба забонҳои русӣ, англисӣ, олмонӣ ва форсӣ рӯи чоп омаданд.

Бештари таҳқиқотҳои илмии Раҳимзода М. З. ба проблемаҳои мубрами ҳуқуқи маданӣ, соҳибкорӣ, ташаккулёбӣ ва рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин тафсири кодексу қонунҳо бахшида шудаанд. Таҳқиқотҳои пайвастаи илмӣ дар ин соҳаҳо ба олими варзида имконият дод ба хулоса ояд, ки дар ҳама давру замон, аз ҷумла соҳибистиқлолӣ танзими самараноки ҳуқуқии муносибатҳои маданию иқтисодию соҳибкорӣ талаби замон буда, таҳқиқоти ҷиддиро тақозо менамояд.

Қобили тазаккур аст, ки профессор Раҳимзода М. З. дар сароғози ташаккул ва рушди мактаби ҳирфаии илмии ҳуқуқи соҳибкории Тоҷикистони муосир қарор доранд. Дар ин ҷода, бахусус таҳқиқи проблемаҳо мубрами илми ҳуқуқи соҳибкорӣ, қонунгузории маданӣ ва соҳибкорӣ, назария ва танзими ҳуқуқии натиҷаи ниҳоии фаъолияти соҳибкорӣ, мазмуни иқтисодӣ ва ҳуқуқии натиҷаи ниҳоии фаъолияти соҳибкорӣ дар илми ҳуқуқи соҳибкории тоҷик бунёди мебошанд. Аз ин нигоҳ, бо дарназардошти дарки масъалаи мазкур профессор Раҳимзода М.З. проблемаҳои ҳуқуқии танзими муносибатҳои иқтисоди бозорӣ, таърихи рушди танзими тиҷорат ва соҳибкорӣ дар Тоҷикистон, мафҳум, моҳият аломатҳои фаъолияти соҳибкорӣ, воситаҳои таъмини иҷрои уҳдадориҳо дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ ва ноил шудан ба натиҷаи ниҳоии фаъолияти соҳибкорӣ, ҳолати ҳуқуқии соҳибкорон, танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ, шартномаҳои соҳибкорӣ, фаъолияти соҳибкорӣ ва бозор, масъалаҳои танзими ҳуқуқии рақобат, монополизм, таваккали соҳибкор, бозори мол, ҳавасмандгардонии фаъолияти соҳибкорӣ, ҷавобгарӣ ва ҳифзи манфиатҳои қонунии соҳибкорон ва ғайраро ҳамчун ҷараёни мукаммали мантиқӣ ва асоснок ҳаматарафа мавриди таҳлили илмӣ ва таҳқиқ қарор додааст.Хусусияти хоси таҳқиқотҳои ӯ дар ин ҷабҳа аз он иборат мебошад, ки мавсуф дар онҳо на танҳо масъалаҳои назариявӣ, балки роҳҳо ва механизмҳои амалии татбиқи онҳоро ба воситаи қабули қонун, ки дар таҳия ва қабули онҳо фаъолона иштирок намудааст пешниҳод менамояд. Дастоварди мазкур на танҳо дар илмӣ ҳуқуқи тоҷик, балки Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил яке аз таҳқиқотҳои арзишманд ба ҳисоб меравад. Дар ин робита профессор Раҳимзода М.З. асарҳои «Таъмини сифат талаби замон», «Исполнение хозяйственых объязательтв. Встречное исполнение», «Правое обеспечение конечного результата предпринимательской деятельности», «Конечный результат предпринимательской деятельности: теория и правовое регулирование», «Фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария ва танзими ҳуқуқӣ», «Проблемаҳо мубрами ҳуқуқи соҳибкорӣ», «Субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ: назария ва танзими ҳуқуқӣ», «Нақши фондҳо замонатӣ дар рушди соҳибкории хурду миёна» ва ғайраро таҳия ва дарҷ кардааст. Дар илми ҳуқуқи муосир аввалин дастовардҳои илмии эътирофшуда, ҳамчун равияи нави илми ҳуқуқ - ҳуқуқи соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад.

Дар меҳвари таваҷҷуҳи профессор Раҳимзода М. З. омӯзиш ва баланд бардоштани савияи дониши ҳар фарди ҷомеаи муосири Тоҷикистони ҳуқуқбунёд низ меистад. Ба қалам ё бо ҳамкорӣ бо дигар олимон устод Раҳимзода М. З. аввалин китобҳои дарсӣ, аз ҷумла Ҳуқуқи соҳибкорӣ, қ. 1, «Ҳуқуқи соҳибкорӣ», «Ҳуқуқи маданӣ қ. 1.,«Ҳуқуқи маданӣ» қ. 2., «Ҳуқуқи манзили Ҷумҳурии Тоҷикистон», инчунин «Асосҳои давлат ва ҳуқуқ» барои синфҳои 8 ва 9 навиштааст, ки ҳамчун китоби рӯи мизии ҳар як хонандаи мактабҳои таҳсилоти умумӣ ва олии ҷумҳурӣ мебошанд.



Раҳимзода М.З. солҳои зиёде ба ҳайси вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Директори Маркази

# ВА ИНСОНИ ВОЛОХИРАД

миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷонишини раиси Суди ҳакамии Маркази байналмилалӣ оид ба ҳалли баҳсҳои назди Суди иқтисодии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Арбитри Арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ фаъолият намуда, пайваста бо дарназардошти рушди илми ҳуқуқшиносӣ ва амалияи татбиқи он асарҳои илмӣ ва тафсири кодексу қонунҳои зиёдеро анҷом додааст. Аз ҷумла, «Общество, государство и право», «Бунёди давлатдории навин», «Техникаи қонунгузорӣ», «Низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон: ташаккул ва проблемаҳо»,«Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария ва амалияи татбиқи он», «Забон ва сифати қонун»; «Инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият», «Сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон: рушд ва мушкилот», «Ҷавобгарии ноболиғон: масоил ва роҳҳои ҳалли он», Тафсири Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Тафсири Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Тафсири қисми 3 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Тафсири кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон, Тафсири Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Тафсири Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонунҳо ҶТ «Дар бораи масъулияти падару модар дар аълиму тарбияи фарзанд», «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо» ва ғайра.

Раҳимзода М. З. натанҳо дар навиштани асарҳои илмию амалӣ, балки эҷоди фарҳангҳои соҳаҳои зиёди соҳаҳои ҳуқуқ ва қонунгузорӣ ба забони русӣ ва тоҷикӣ хизмати арзанда намудааст. Дар байни онҳо «Фарҳанги русӣ ба тоҷикии истилоҳоти ҳуқуқ», «Фарҳанги тоҷикӣ ба русии истилоҳоти ҳуқуқ», «Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва ғайра мебошанд. Тафсир ва фарҳанги ҳуқуқии навишташуда, на танҳо дар байни ҳуқуқшиносони касбӣ, балки дар байни шахсоне, ки ба проблемаҳои мубрами хислати ҳуқуқидошта дар ҳаёт дучор мешаванд, маъруфият пайдо кардаанд.

Профессор Маҳмад Раҳимзода тамоми кӯшишу ғайрат ва малакаю маҳорати илмию омӯзгориашро дар умри пурбаракати хеш барои рушду инкишофи илми ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ, инчунин омода намудани мутахассисони болаёқат, кордон дар соҳаи ҳуқуқшиносӣ равона карда, барои маъруфии он дар дохил ва хориҷи кишвар хизматҳои басо арзанда ва холисона намудааст. Тӯли солҳои фаъолияти илмию омӯзгорӣ профессор Раҳимзода М.З. шогирдони зиёдеро тарбия ва ба камол расонидаанд, ки дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқи ҷумҳурӣ, соҳаҳои мухталифи илмӣ-амалии ҳуқуқшиносӣ ба кор машғуланд.

Номбурда мактаби илмии «Таҳқиқоти проблемаҳои ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ»-ро таъсис дода, қисми зиёди асарҳои илмии ӯ ба идеяи ягонаи афзалиятнокии фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун регулятори асосии муносибатҳои иқтисодию соҳибкорӣ бахшида шудааст. Вобаста ба ҳамин дар фаъолияти кории худ ба тайёр намудани олимони ҳуқуқшиносӣ ҷавонӣ оояндадор таваҷҷуҳи зиёд медиҳад. Барои ӯ маҳаки асосии интихоби шогирд, саводи воло, тарбияи хуб, вафодорӣ ба давлату миллат мебошад. Таҳти роҳбарии ӯ зиёда 20 нафар рисолаи докторӣ ва номзадӣ ҳимоя кардаанд.

Раҳимзода Маҳмад Забир ҳамчун ходими давлатӣ ва ҷамъиятӣ низ шинохта ва эътироф шудааст. Саҳми эшон дар ташаккули соҳаи қонунгузории давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон арзанда ва назаррас мебошад. Соли 2000 профессор Раҳимзода М. ба ҳайси вакили аввалин Маҷлиси намояндагони доимоамалкунандаи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳавзаи интихоботии Рудакӣ, 9 интихоб шуд. Фазилати волои илмӣ ва таҷрибаи бои таҳияи кодексу қонунҳо, ки профессор Раҳимзода М. З. дошт, ҳангоми фаъолият дар ин мақомоти қонунгузор барҷало зоҳир гардида, такроран соли 2005 вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳавзаи зиккршуда интихоб шуд. Дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон профессор Раҳимзода М.З. ба ҳайси Раиси комиссияи Маҷлиси Намояндагон оид ба назорати Дастур ва ташкили кор, муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба қонуният конститутсионӣ, қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон, роҳбари гурӯҳи вакилони ғайриҳизбӣ, узви комиссияи доимии Ассамблеяи байнипарлумонии АврУосиё ва намояндаи комилҳуқуқи Маҷлиси намояндагон дар Суди конститутсионӣ фаъолият намуд. Раҳимзода М. З. дар таҳия, муҳокима, додани хулоса, пешниҳод ва қабули кодексу қонунҳои зиёде саҳмгузор буда, бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, мутобиқи моддаи 58-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун вакили мардуми зиёда аз 15 лоиҳаи қонунҳоро пешниҳод намудааст, ки онҳо қобили қабул дониста шудаанд. Бахусус саҳми профессор Раҳимзода М. З. дар таҳия ва коркарди Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки солҳои 1995, 2005, 2007, 2013 то соли 2018 ба ҳайси аъзо ва роҳбари гурӯҳи кори иштирок намудааст, беандоза мебошад. Маҳз таҳти роҳбари ва саъю кушиши пайвастаи ӯ номи Кодекси граждании ба Кодекси маданӣ иваз карда шуда, ва бо ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба парламент пешниҳод карда шудааст. Дар интихоботи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2007 ва соли 2013 ҳамчун шахси боэътимоди номзад ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баромад намуда, дар муаррифии барномаи пешазинтихоботии номзад дар дохил ва хориҷӣ кишвар фаъолона ширкат намудааст.



Саҳми Раҳимзода М. З дар бунёд ва рушди устувори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон беназир мебошад. Вақте, соли 2009 ин Марказ таъсис ёфт, маҳорати баланди касбӣ ва эҷодии ӯро ба назар гирифта, М.З. Раҳимзодаро роҳбари он таъин карданд.Маҳз бо талошу заҳматҳои рӯзмарра ва роҳбарии бевоситаи ин инсони наҷиб, роҳбари кордон, донишманди варзида муассисаи илмӣ-таҳқиқотии қонунгузорӣ ва иттилоотӣ-таҳлилии мазкур дар як муддати кӯтоҳ дар ҷумҳурӣ ва кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дорои мақому мартабаи баланд гардид. Раҳимзода М.З. барои фаъолият дар Марказ ҷавононии соҳибистеъдодро ҷалб кард. Талошҳои профессор Раҳимзода М.З. аз рӯзҳои нахустини таъин гардиданаш ба ҳайси директори Маркази мазкур фаъолияти кормандонро барои омода намудани консепсияҳо ва барномаҳои рушди соҳаҳои мухталифи қонунгузорӣ, лоиҳаи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, экспертизаи ҳуқуқии лоиҳаи қонунҳо, таҳқиқотҳои илмӣ-таҳлилӣ оид ба ҳолат, чараёнҳои рушд, амалияи татбиқи қонунгузорӣ, омода намудани тавсияҳо оид ба истифодаи натиҷаҳои таҳқиқотҳои илмӣ дар соҳаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ равона кард. Таҳти роҳбарии Раҳимзода М. З. аз ҷониби Марказ «Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2011) ва Консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ-ҷиноии Ҷумҳурии Тоҷикистон (2013) омода ва қабул карда шуданд. Дар асоси онҳо Барномаҳои давлатӣ дар соҳаҳои мухталифи ҳуқуқшиносӣ коркард, омода ва тасдиқ гардиданд.

Заҳматҳои донишманди мумтозу заҳматпеша аз ҷониби Давлат ва Ҳукумат, созмонҳои байналмилалӣ, соҳторҳои гуногуни кишвар қадрдонӣ гардидааст. Раҳимзода М.З. соли 1993 бо унвони «Аълочии маорифи халқи Тоҷикистон», соли 2004 бо «Ордени «Иттиҳод»-и Ассамблеяи Байнипарлумонии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, соли 2011 бо Медали 20-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2014 бо унвони фахрии Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон (2014), инчунин бо дигар медал ва ифтихорномаю сипосномаҳои мақомотҳои қонунгузор иҷроия ва судӣ сарфароз гардонида шудааст.

Воқеан хизматҳои арзандаи ин шахсияти содиқи давлату миллат, донишманди пуркору заҳматпеша, устоди садҳо шогирдони болаёқат, падари фарзандони солеҳ шоистаи таърифу тавсиф ва намунаи ибрат аст. Ба устод Раҳимзода Маҳмад Забир ҷашни 70 - умин солгарди мавлудашонро самимона муборакбод гуфта, таманно мекунем, ки ҳамеша тансиҳату сарбаланд бошанд.

**Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт, Президенти АМИТ, узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои иқтисод, профессор.**

**Маҳмудзода Маҳкам Аъзам, академики АМИТ, доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор**

**Муҳаммадалӣ Музаффарӣ узви вобастаи АМИТ, доктори илмҳои фалсафа, профессор**



# К 100-ЛЕТИЮ СО ДНЯ РОЖДЕНИЯ ПРОФЕССОРА ВИКТОРА АРКАДЬЕВИЧА ОЙГЕНЗИХТА

*В Таджикистане имя доктора юридических наук, профессора, заслуженного деятеля науки Республики Таджикистан Виктора Аркадьевича Ойгензихта, как выдающегося цивилиста в постсоветском пространстве, широко известно среди ученых-юристов, практиков и в юридических учебных заведениях. Имя этого человека известно не только в Таджикистане, но и далеко за его пределами. Он родился в 1924 году в городе Харьков Украинской ССР. Окончил Всесоюзный юридический заочный институт (ВЮЗИ). После окончания института работал на практической работе в народном хозяйстве. Долгие годы он возглавлял юридический отдел Таджикпотребсоюза Республики Таджикистан. В 1966 г. успешно защитил кандидатскую диссертацию на тему: «Правовое регулирование тарооборота в СССР». Работая он одновременно преподавал на юридическом факультете Таджикского госуниверситета. В 1967 г. он перешел на постоянную работу на кафедру гражданского права юридического факультета ТГУ им. В. И. Ленина на должность старшего преподавателя, а затем работал в качестве доцента и профессора. Являясь признанным ученым, создателем научного цивилистического направления и имея свою научную цивилистическую школу, он совмещал активную и плодотворную научную деятельность с не менее активной преподавательской деятельностью. С 1976 по 1981 гг. был заведующим кафедрой гражданского права. После реорганизации кафедры гражданского права был избран заведующим кафедрой хозяйственного законодательства и трудового права (ныне кафедра предпринимательского и коммерческого права). Заведовал названной кафедрой с1981 по 1991 гг.*

Докторская диссертация Виктора Аркадьевича Ойгензихта «Проблема риска в гражданском праве», была защищена в 1975г. Она было результатом многолетнего титанического исследовательского труда автора.

В. А. Ойгензихт был ученым широкого профиля, глубоко знавшим проблемы теории права, гражданского, хозяйственного, трудового, семейного и других отраслей права. Он разработал основу для развития нового научного направления проблем риска, нетипичных отношений, альтернативы в гражданском праве и т. д. Им опубликовано 11 монографий, учебных пособий и более 250 научных статьей. Его перу принадлежит ряд монографических исследований как: «Правовое регулирование тарооборота в СССР» (1966), «Проблема риска в гражданском праве» (1972),«Презумпции в советском гражданском праве» (1976), «Имущественная ответственность в хозяйственных договорах»(1980), «Воля и волеизъявление. (Очерки теории, философии и психологии права)» (1983), «Нетипичные договорные отношения в гражданском праве» (1984), «Мораль и право» (1987), «Юридическое лицо и трудовой коллектив: поведение, ответственность» (1988), «Альтернатива в гражданском праве» (1991), проблемные статьи в журналах «Советское государство и право», «Правоведение», «Хозяйство и право», «Коммунист», «Известия АН РТ» и др., в сборниках научных работ в ВУЗах Москвы, Ленинграда, Свердловска, Томска, Ижевска, Тюмени, Киева, Алма-Аты, Ташкента, Душанбе и т. д.

В. А. Ойгензихт всегда брался за разработку наиболее сложных и спорных проблем гражданского права. Значительный научный интерес представляет цикл его работ, посвященных актуальным теоретическим проблемам гражданского права. Итогом его неустанной творческой деятельности явилось издание ряда фундаментальных монографий по ключевым проблемам гражданского права. «Проблема риска в гражданском праве» (1972), по существу была первым крупным монографическим исследованием в гражданском праве, где было получено положительное решение ряда сложных и во многом спорных теоретических проблем. Это и развернутое определение риска как субъективной категории, взаимосвязь риска с объективным случаем и непреодолимой силой, риск как субъективное основание гражданско-правовой ответственности, а также распределение убытков, соотношение юридической и фактической невозможности исполнения обязательства и их связь с риском, и многие другие ключевые вопросы теории риска. В настоящее время концепция субъективного риска как основания гражданско-правовой ответственности за нарушения обязательства, является одной из главных научных направлений, обосновывающих такую ответственность. Концепция субъективного риска приобретает особенно важное практическое значение в условиях рыночной экономики. Эта концепция, включающая обоснование субъективного риска предпринимателя, нередко в неформальных дискуссиях так и обозначается, как концепция профессора Ойгензихта.



**РАХИМЗОДА МАХМАД ЗАБИР**
**член-корреспондент Академии наук Республики Таджикистан, д.ю.н, профессор**

Другое не менее значительное монографическое исследование – «Презумпции в советском гражданском праве» (1976), представляет собой глубокое в теоретическом плане исследование. В нем он предложил всесторонне обоснованную систему аргументов в пользу наличия правовой презумпции. По его мнению презумпция-это субъективное предположение о неизвестном факте, обусловленное вероятностью его существования и проявления. В работе обращается внимание на отдельные разновидности материально правовых презумпций, в частности, презумпции очевидного факта, презумпции неустановленного факта, презумпции смерти, презумпции правосубъектности, презумпции добросовестности. Приведенные всесторонне обоснованные материально-правовые презумпции являются предпосылкой для определения понятий презумпции виновности в гражданском праве.

Вопросам имущественной ответственности посвящена другая его работа «Имущественная ответственность в хозяйственных договорах» (1980). В ней была сделана попытка раскрыть один из наиболее важных и сложных правовых институтов – институт юридической ответственности, применительно к нарушениям хозяйственных договоров. Характеризуются понятие, его виды и функции, с условиями их применения. Освещаются меры ответственности, их структура и виды, применяемые за различные нарушения, пути повышения эффективности ответственности и предотвращения нарушений договорной дисциплины.

Поистине одной из фундаментальных работ Виктора Аркадьевича является «Воля и волеизъявление. (Очерки теории, философии и психологии права)» (1983). Это научное исследование получило всеобщее одобрение многих ведущих ученых страны. Работа вобрала в себя все аспекты проявления воли и волеизъявления, их соотношения в процессе заключения сделок, обоснования воли как свободы выбора поведения, воли возведенной в закон и их проявление в правоотношениях, волеизъявление как способ согласования воли субъектов, воля как элемент вины, их проявление в разных формах вины, взаимосвязь воли и риска. Иначе, это труд, глубоко сочетающий философские, психологические и юридические аспекты категории воли и волеизъявления.

Одним из важных исследованием В.А. Ойгензихта является его монография «Нетипичные договорные отношения в граждан¬ском праве»(1984). Она посвящена одному из недостаточно исследованных вопросов в гражданском праве – нетипичных договорных отношений. В ней рассматривается понятие нетипичных договорных отношений, раскрывается их значение, место в гражданском праве, показывается связь и отличие их от типичными договорных институтов. В частности, раскры¬ваются специфичные особенности договоров по оказанию услуг личного характера, акцессорные отношения хранения, фактичес¬кие договоры найма, перевозки, в сфере связи, кредитно-расчетных отношений, при неосновательном приобретении имущества и т.п.

Другим важным его исследованием является изучение вопросов «Юридическое лицо и трудовой коллектив: Сущность. Поведение. Ответственность» (1988). В нем он обращает внимание на острые и спорные проблемы сущности, поведения и ответственности юридического лица и трудового коллектива. Анализируются теоретические концепции соотношения понятий: предприятие, юридическое лицо, трудовой коллектив, администрация. Раскрывается сущность этих категорий, подвергаются критике антисубстративные конструкции юридического лица. Анализируются механизм поведения предприятия, условия и понятие ответственности юридического лица, феномен его вины. Характеризуется вопросы соотношения воли членов трудового коллектива с волей всего трудового коллектива, с волей предприятия. Освещаются ответственность юридических лиц, коллизионные взгляды на вину юридического лица, на условия применения к нему ответственности.

В монографии «Альтернатива в гражданском праве» (1991) через призму альтернативного подхода, выбора вариантов поведения рассматриваются теоретические проблемы гражданского законодательства, в том числе вопросы договорных отношений, свобода выбора партнеров, возможности по обоюдному волеизъявлению определить те или иные условия договора, его исполнения и ответственности за его нарушения в условиях рыночной экономики. На основании анализа законодательства рассматриваются возможности использования выбора и альтернатив, определяемых в правовых нормах, проблемы совершенствования в этом направлении законодательства с учетом отказа от чрезмерной зарегулированности, особенно в хозяйственных отношениях. Исследуется различные обязательства и юридические категории через призму альтернативы и альтернативности. Отмечается, что возможность обдуманного выбора позволяет избрать наиболее оптимальный путь и в экономике, и в других областях.



**Мавлоназарзода Одилбек Абдулназар,**
**заведуюший кафедры предпринимательского и коммерческого права**

Научные исследования Виктора Аркадьевича отличаются глубокой научной аргументированностью, насыщенностью, фундаментальностью в сочетании с хорошей литературной формой и направленностью на решение практических задач. Теоретические выводы и практические предложения Виктора Аркадьевича относительно проблем риска, гражданско-правовой ответственности, воле и волеизъявления, презумпции юридического лица, нетипичных отношений, морали, права, альтернативы представляются поистине огромным вкладом в развитии цивилистической науки.

Виктор Аркадьевич активно участвовал в научно–практических конференциях, диссертационных советах, форумах и дискуссиях по основным проблемам, привлекавшим внимание ученых юристов того времени: соотношение гражданского и хозяйственного права, проблемы собственности; роль и значение товарно-денежных отношений; укрепление договорной дисциплины; сочетание жесткого вертикального планирования с самостоятельной активностью участников гражданского оборота. И здесь, в центре споров и научных дискуссий в Москве, Ленинграде, Киеве, Харькове, Свердловске, Томске, Ташкенте, Алматы, Уфе, Душанбе и других городах бывшего Союза постоянно и активно участвовал профессор Ойгензихт В. А.

В. А. Ойгензихт часто выступал в качестве оппонента по кандидатским и докторским диссертациям. Был членом диссертационного совета Института философии и права АН Республики Узбекистан, Свердловского юридического института.

В. А. Ойгензихт обладал удивительным даром предвидения. Многие его теоретические выводы и практические предложения становятся наиболее актуальными на сегодняшний день, а на его теоретические выводы часто делаются ссылки.

В. А. Ойгензихт – Учитель с большой буквы. Он воспитал не одно поколение студентов-юристов, внес значительный вклад в подготовку научных кадров, как в республике, так и за ее пределами. Под его непосредственном руководстве защитили кандидатские и докторские диссертации Менглиев Ш. М., Рахимзода (Рахимов) М. З., Амосов С. М., Шонасридинов Н., Азизкулова Г. С. и Нодиров Ф. М.

Он с большим энтузиазмом читал лекции. Его глубокое знание проблем, их практическая направленность, отточенное лекторское мастерство привлекало всех слушателей-студентов, учёных, преподавателей и практических работников. Он своим страстным, горячим словом зажигал сердца слушателей, пробуждая их творческую мысль, прививал в них убежденность.

Он был человеком редкой, светлой души. В нем сочетались, доброта, мягкость с принципиальностью, требовательностью к себе и к другим.

Его заслуги были отмечены медалями «За доблестный труд», «Ветеран труда», нагрудными знаками «Отличник просвещения СССР», «Отличник народного образования Республики Таджикистан», почетным званием «Заслуженный деятель науки Республики Таджикистан» и Грамотами Президиума Верховного Совета Республики Таджикистан.

Виктор Аркадьевич Ойгензихт, которому в дни выхода в свет этого издания исполнилось бы девяносто пять лет, несомненно, войдет в историю Таджикистана одним из самых ярких ученых, неутомимым, талантливым исследователем, прекрасным человеком и педагогом, сохранившим свежесть взглядов на жизнь и науку.

# САНАДИ ХУШБАХТӢ ВА БАҚОИ МИЛЛАТ

*Бо қаноатмандӣ изҳор медорем, ки дар дарозои беш аз се даҳсолаи сипаришуда Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати демокративу ҳуқуқбунёд роҳи пуршебу фароз ва басо пурифтихорро тай намуда, сокинони сарбаланду меҳнатқарин, ватандӯсту ободкори кишвар бо дастгирӣ ва пуштибонии амиқ аз сиёсати хадафмандонаву бобарор ва дурбинонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба дастовардҳои бузурги меҳнатӣ ва истеҳсолӣ ноил гаштаанд.*



Изатулло МАҲМУДОВ
мудири кафедраи ҳуқуқи
судӣ ва назорати прокурорӣ

Аз ҷумла, қабули нахустин Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлол 6 ноябри соли 1994 аз бузургтарин дастовардҳои ҳаёти ҳуқуқии ҷомеаи тоҷикон ба ҳисоб меравад.

Аслан, тавре ки таърихи пайдоиш ва рушди давлатҳои мутамаддин ва таҷрибаи конститутсионализми дунё нишон медиҳанд, қабули Конститутсия бо дарназардошти рушди бемайлони муносибатҳои ҷамъиятӣ, тағйирёби сохти давлатӣ, ба вуқӯъ пайвастани таҳаввулоти азим ва дигаргуниҳои куллӣ дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии ҷомеа иттифоқ афтода, дастоварду музаффариятҳои давраи муайяни таърихии рушди ҷомеа ва давлатро дар худ инъикос намуда, дурнамои пешрафти онро муайян менамояд.

Назар ба андешаи олимону донишмандони маъруфи давлатшиноси тоҷик Ашурбой Имомов ва Зариф Ализода давлатдории имрӯзаро бе Конститутсия тасаввур кардан имконнопазир аст, зеро масъалаҳои асосӣ, бунёдӣ ва калидии ҷомеа дар ин санади муҳим муқаррар карда шуда, дар давраи муосир дар аксари давлатҳои ҷаҳон конститутсия ҳамчун арзиши муҳим, яке аз рамзҳои давлатдорӣ, роҳу василаи асосии қонунӣ гардонидани сохтори давлативу ҷамъиятӣ ва меҳвари низоми ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад.

Таърихи қабули Конститутсияи амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон чанд марҳиларо фаро мегирад. Аввалин маротиба 23 августи соли 1990 дар асоси қарори Совети Олии РСС Тоҷикистон комиссияи конститутсионӣ оид ба тайёр кардани лоиҳаи Конститутсияи (Қонуни Асосии) нави Республикаи Советии Сотсиалистии Тоҷикистон бо сардории Раиси Совети Олии РСС Тоҷикистон, котиби якуми КМ Ҳизби Коммунистии Тоҷикистон Қаҳор Маҳкамов дар ҳайати 53 нафар ташкил ёфт.

Баъдан бо қабули Эъломияи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 августи соли 1990 дар сессияи дуюми Совети Олии РСС Тоҷикистон даъвати дувоздаҳум зарурияти қабули Конститутсияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон бевосита дар моддаи 19-и он таъкид карда шуд. Хотирнишон бояд сохт, ки дар гурӯҳи мазкур факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлати Тоҷикистонро (ҳоло ДМТ) ректори Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И Ленин, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ Тоҳиров Фозил ва мудири кафедраи ҳуқуқи давлатӣ ва сохтмони советии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ Қосимов Садриддин Махмудович муаррифӣ мекарданд. Гурӯҳи корӣ лоиҳаи Конститутсияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо дарназардошти роҳи инкишофи сотсиалистии ҷумҳурӣ таҳия кард. Вале тавре ки устод Ашурбой Имомов изҳор медоранд, бо дарназардошти кашолёбии тайёр кардани Шартномаи иттифоқӣ, воқеаҳои августии соли 1991, пош хӯрдани Иттиҳоди абарқудрати Шуравӣ ва касби Истиқлолияти давлатӣ кори комиссияи конститутсионӣ мавқуф гузошта шуд.

Маротибаи дуюм, бо Қарори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 январи соли 1992, № 493 ба Қарори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 августи соли 1990 «Дар бораи ташкили Комиссияи таҳияи лоиҳаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (Қонуни Асосии) нави Ҷумҳурии Тоҷикистон» тағйироту иловаҳо ворид карда шуда, комиссияи нави корӣ таҳти назари Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмон Набиев иборат аз 55 нафар таъсис дода шуд. Баъдан бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 феврали соли 1992 дар заминаи комиссияи конститутсионӣ гурухи корӣ иборат аз 9 нафар таҳти роҳбарии прокурори ҷумҳурӣ Нурулло Хувайдуллоев таъсис дода шуд. Гурӯҳи кории мазкурро он замон намояндагони факултети ҳуқуқшиносӣ, олимони маъруф Ашурбой Имомов, Фозил Тоҳиров, Халифабобо Ҳомидов ва Неъмат Абдуллоев намояндагӣ мекарданд. Бино ба иттилои донишмандону мутахассисони ватанӣ камшмакашиҳои сиёсӣ ва баъдан ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ дар оғози солҳои истиқлолияти давлатӣ имкон надоданд, ки ин санади муҳимму зарурӣ ва муайянкунандаи шоҳроҳи минбаъдаи рушди Тоҷикистон омода ва қабул карда шавад.

Дар чунин шароити ҳассоси таърихӣ баргузории Иҷлосияи тақдирсози XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳи ноябри соли 1992 дар Қасри Арбоби шаҳри бостонии Хуҷанд яке аз саҳифаҳои дурахшон ва дастовардҳои бузурги таърихии халқи тоҷик дар оғози солҳои соҳибихтиёрӣ ба ҳисоб меравад. Қарорҳои таърихӣ ва сарнавиштсози иҷлосияи мазкур минбаъд дар самти бунёди рукнҳои давлатдорӣ, қабули Конститутсия, ба даст овардани ваҳдати миллӣ, ба ҳам овардани миллати тоҷик, имзои созишномаи истиқрори сулҳ, зинда гардонидани хофизаи таърихӣ, рушди бемайлони ҳамкориҳои байналмилалӣ ва таъмини фазои конститутсионӣ нақши бағоят муҳим гузоштанд.

Яке аз дастовардҳои бузурги ҳамин иҷлосия ин ба ҳайси Раиси Шӯрои Олии мамлакат интихоб гардидани фарзанди фарзонаи миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буд. Аз лаҳзаҳои аввали оғози фаъолияти корӣ ба ҳайси Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фаъолияти худро баҳри таъмини сулҳ, оромӣ, ризоияти миллӣ, гирифтани пеши роҳи хунрезӣ, қатъ кардани ҷанги шаҳрвандӣ ва ба ватан баргардонидани фирориёни иҷборӣ ва таъмини қонунияти конститутсионӣ оғоз карданд. Аз ин ҷиҳат, Конститутсияи ҳолоамалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон натиҷаи амалӣ гаштани қарорҳои таърихии сессияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Масъала дар бораи лоиҳаи нави Конститутсияи ҶТ дар иҷлосияи навбатии хабдаҳуми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав ба миён гузошта шуд. Дар ҳамин замина 26 июни соли 1993, № 836 Комиссияи нави таҳияи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон иборат аз 62 нафар тасдиқ карда шуд. Ҳамзамон бо қарори Раёсати Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 сентябри соли 1993, № 1428 гурӯҳи кории комиссия оид ба таҳия намудани лоиҳаи Конститутсияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти назари муовини аввали раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон А.С. Достиев иборат аз 13 нафар ташкил карда шуд. Факултети ҳуқуқшиносиро дар кори ин гурух Ализода Зариф, Ашурбой Имомов, Шавкат Исмоилов, Халифабобо Ҳомидов намояндагӣ мекарданд. Аъзоёни гурӯҳ барои мушғул шудан ба кори таҳиясозии лоиҳаи Конститутсияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 октябр то 1 декабри соли 1993 аз ҷои кори асосиашон бо нигоҳдошти маошашон озод карда шуданд.

Қобили қайд аст, ки аъзоёни гурӯҳи корӣ ҷиҳати омузиши таҷрибаи пешрафтаи кишварҳои олам ба як қатор давлатҳои дунё, аз қабили Амрико, Туркия ва Швейцария сафар карда, ҳамзамон таҷрибаи ғании кишварҳои узви ИДМро низ ба назари эътибор гирифтанд. Аъзоёни гурухи корӣ лоиҳаи Конститутсияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо дарназардошти арзишҳои умумэътирофшудаи ҳуқуқи байналмиллалӣ, таҷрибаи пешрафтаи давлатҳои мутамаддини дунё, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии низоми ҳуқуқии кишварҳои пешрафта, таҷрибаи давлатдорӣ, манфиатҳои миллӣ ва мероси бою пурғановати таърихии тоҷикон таҳия намуданд. Аз ҷониби гурухи корӣ ба комиссияи конститутсионӣ ду лоиҳаи Конститутсия, ки яке шакли идоракунии президентӣ ва дигаре шакли идоракунии парламентиро пешбинӣ мекарданд, пешниҳод шуд. Комиссияи конститутсионӣ бо дарназардошти махсусияти замони гузариш ва ба шароити мушаххаси Тоҷикистон созгор ва мувофиқ омадани шакли идоракунии президентӣ, лоиҳаи Конститутсияро, ки шакли идоракунии президентиро пешбинӣ мекард, қобили қабул донист. Баъдан Шурои Олии мамлакат аз 13 апрели соли 1994, № 1662 қарор кард, ки лоиҳаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муҳокимаи умумихалқӣ дар рузномаҳои ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ ва ноҳиявӣ чоп карда шаванд. Лоиҳаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 21 апрели соли 1994 дар матбуоти даврӣ чоп карда шуд. Аз ҷониби шаҳрвандони мамлакат беш аз 8,5 ҳазор таклифу пешниҳодҳо ҷиҳати такмил додани лоиҳаи Конститутсия пешниҳод карда шуд.

Ҳамин тариқ, дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ислоҳоти конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, тартиби қабул ва мавриди амал қарор додани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 20 июли соли 1994 санаи баргузории раъйпурсии умумихалқӣ 6 ноябри соли 1994 муайян карда шуд.

Мардуми шарифи Тоҷикистон 6-ноябри соли 1994 аввалин маротиба аз тариқи раъйпурсии умумихалқӣ бо тарафдории аксарият Конститутсияи Тоҷикистони соҳибистиқлолро қабул намуданд. Яке аз дастовардҳои бузург ва нодири Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои аввали соҳибихтиёрии давлатӣ ин қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон махсуб мёебад. Қабули Конститутсия дар воқеъ дар таърихи пешрафти ҳар як миллату давлат нақши созандаву калидиро иҷро менамояд.

Аз ҷумла, вобаста ба аҳамияти таърихии ин санади сарнавиштсоз ва ҳуҷҷати тақдирсоз Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин зикр менамоянд: “Амалӣ намудани меъёрҳои Конститутсия ба мо имкон дод, ки пояҳои устувори ҷомеа ва давлатро созмон диҳем, сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллиро таҳким бахшем, рушди устувори иқтисодии кишварамонро таъмин намоем, барои ҳар як шаҳрванди мамлакат шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро муҳайё созем”.

Табиист, ки Конститутсия санади шахшуда нест ва бо мурури пешрафти муносибатҳои ҷамъиятӣ бояд ба набзи ҷомеа созгор карда шавад. Бо дарназардошти зарурат ва ба талаботи рушди замон мувофиқ гардонидани воқеияти ҳаёти ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон давоми солҳои соҳибихтиёрии давлатӣ ислоҳоти конститутсионӣ амалӣ карда шуда, ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 тағйироту иловаҳо ворид карда шуданд. Тағйиру иловаҳои ворид карда шуда барои ҳифзи манфиатҳои миллат, давлати тоҷикон ва таъмину амалишавии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд шароитҳои арзандаро ба миён оварданд.

Шояд Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нигоҳи аввал барои бисёриҳо ҳамчун як санади муқаррарии ҳуқуқӣ иборат аз 10 бобу 100 модда ба назар расад, вале эътироф бояд кард, ки ҳар як ҷумла, ибора, калима ва меъёрҳои он мазмуну маънои ниҳоят фаррох дошта дар ҷойи хушку холӣ ба вуҷуд наомадаанд. Конститутсияи Тоҷикистон дар худ орзуву омол, хуввияти миллии мардуми сарбаланди тоҷикро инъикос намуда, таҷассумгари фарҳангу анъана ва роҳи пуршебу фарози беш аз ҳазорсола тайнамудаи халқи тоҷик мебошад.

Мардуми сарбаланди кишвар бояд донанд, ки танҳо дар заминаи таъмин намудани маърифати баланди ҳуқуқии сокинони мамлакат метавонем ба рушду пешрафти Тоҷикистон ҳамчун давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд ноил гардем. Риоя, эҳтиром ва ҳифзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки боиси ба саодат ва хушбахтӣ расидани миллати тоҷик гаштааст, бояд ба одати ҳаррӯзаи ҳар як сокини мамлакат табдил ёбад.

**Басо рамзист, ки дар рӯзҳои таҷлили ҷашни муқаддаси 30-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Соли маърифати ҳуқуқӣ ҳамзамон таҷлили санаи фархундаи 75 солагии таъсиси факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон рост омадааст. Аз ин рӯ, ба мақсад мувофиқ меҳисобам, ки чанд хотиротеро аз саҳифаҳои дурухшону нотакрори фаъолияти ин даргоҳи муқаддаси илму маърифат ёдрас намоям.**

# 75 соли

Факултети ҳуқуқшиносӣ ҳамчун қисми таркибии Университети давлатии Тоҷикистон соли 1949 таъсис ёфтааст. Факултети ҳуқуқшиносӣ имрӯз яке аз бонуфузтарин ва маъруфтарин марказҳои омода кардани мутахассисони соҳа ва кадрҳои лаёқатманди илму амалияи ҳуқуқшиносӣ ба ҳисоб рафта, дар ин самт дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми пешоҳанг ва арзандаро соҳиб аст. Ин боргоҳи муқаддаси илму маърифат ва кохи мухташами нур аз замони таъсис то кунун роҳи басо пуршараф ва боифтихореро тай намуда, ҳамакнун ба як макони муқаддаси илму маърифат ва маркази бонуфузи таълимӣ ва илмию таҳқиқотии кишвар табдил ёфтааст. Хизматҳои профессорону омӯзгорони ин боргоҳи илму хирад дар самти тарбияи мутахассисони варзидаи ҳуқуқшинос, дар анҷом додани корҳои илмӣ-таҳқиқотии бунёдӣ ва арзишманд, иштироки фаъолона дар ҳаёти иҷтимоии Ватани маҳбубамон беназиранд. Ҳазорон ҷавонони боназангу номус ва дорои ҳисси баланди меҳанпарастӣ факултети азизамонро сарбаландона хатм намуда, бо дарки баланди масъулиятшиносӣ дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, дигар сохторҳои давлатӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ содиқонаву софдилона заҳмат кашидаанд ва имрӯзҳо низ сарбаландона кору фаъолият мекунанд. Бо камоли эҳтиром ин лаҳзаҳо меҳоҳам бо ифтихор номи як зумра хатмкунандагони ин даргоҳи азизу муқаддас, аз ҷумла роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Раҳмон Озода Эмомалӣ, Ёрдамчиёни Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ, рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа Ализода Зариф ва Раҳмонзода Абдулло Курбоналӣ, муовини аввали Раис маҷлиси намояндагон Ватанзода Махмадалӣ Маҳмадулло, Академики АМИТ Маҳмудзода Махкам Аъзам, Вазир адлияи ҶТ Ашуриён Музаффар Курбонмуҳаммад, Раиси Кумитаи давлатии амнияти милии Тоҷикистон Ятимов Саймумин Сатторович, Раиси Суди Олии ҶТ Шоҳиён Шермуҳаммад, Прокурори генералии ҶТ Раҳмон Юсуф Аҳмадзод, Директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ Султонзода Сулаймон Саид, узви вобастаи АМИТ Раҳимзода М.З., Сафири фавқуллода ва мухтори Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Белоруссия Сафарзода Бахтовар Амиралӣ, ректори мухтарами ДМТ, узви вобсатаи АМИТ Насриддинзода Э.С. ва дигаронро ба забон биёрам, ки бо дарки баланди масъулият дар вазифаҳои гуногуни давлатию ҷамъиятӣ ба нафъи пешрафти Ватани азизамон кору фаъолият доранд.

Факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар масири 75 соли фаъолияти босамар маҳз бо туфайли меҳнату заҳмати аҳлона ва шабзиндадориву фидокории садоқатмандонаи як зумра фарзандони бонангу номуси миллат, шахсиятҳои маъруф, чеҳраҳои намоёни илми ҳуқуқшиносии кишвар, олимони шаҳратёру забардаст, устодони барҷаста, омӯзгорони асил ва дар асл дилбохтаи касби хеш ба пешравию комёбиҳои бузург даст ёфта, ҳамчун як маркази бонуфузи илмиву таълимии кишвар дар самти омода кардани мутахассисони лаёқатманди касби ҳуқуқшиносӣ пойдор аст. Хизматҳои анҷомдодаи ҳайати профессорону омӯзгорони ин боргоҳи илму хирад аз замони таъсис то кунун дар самти тарбияи мутахассисони варзидаи ҳуқуқшинос, анҷом додани корҳои арзишманди илмӣ-тадқиқотӣ ва иштироки фаъолона дар ҳаёти ҳуқуқӣ, тарбиявӣ ва ҷамъиятии Ватани маҳбубамон беназиранд.



Мирзозода Парвон
декани факултет, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор

Шоистаи таъкид аст, ки аз замони таъсис то кунун факултети ҳуқуқшиносиро як зумра шахсиятҳои маъруф, олимони барҷаста, ҳуқуқшиносони асил, ташкилотчиёни моҳир, номзаду докторони илми ҳуқуқшиносӣ, нафароне, ки дилбохтаи касби хеш буданд, роҳбарӣ намуданд. Аз қабили: В.Г. Гранберг, Касаткин Юрий Петрович, Гимпелевич Роман Савелевич, Розиқов Шариф Розиқович, Мавлонов Абдуманнон, Қосимов Садриддин Маҳмудович, Усмонов Очилбой Усмонович, Ямкова Зумрад Дадачоновна, Ҷалилов Ҷаббор Раҷабович, Бобоназарова Ойнихол, Исмоилов Шавкат Маҳмудович, Маҳмудзода Маҳкам Аъзам, Холиков Кароматулло Назруллоевич, Насриддинзода Эмомалӣ Сайфиддин, Раҳмон Дилшод Сафарбек ва Курбонализода Нурулло Шамсулло.

Мо ба ҳама деканҳои факултет, ки дар марҳилаҳои гуногун масъулияти баланди роҳбарии факултетро ба зимма гирифта, барои пешрафти соҳаҳои илму таълим ва тарбия, омода кардани мутахассисони ҷавону умедбахш саҳми арзандаи худро гузоштаанд, изҳори сипос менамоем. Руҳу равони онҳое, ки дар қайди ҳаёт нестанд, шод ва ёдашон гиромӣ бод.

Эътироф бояд кард, ки маҳз бо шарофати Истиқлолияти давлатӣ факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон марҳилаи сифатан нави рушдро касб намуда, ба ин васила дар тамоми самтҳои афзалиятноки ҳаёти таълимӣ, илмӣ ва тарбиявии факултет ҷаҳиши бузурге ба вуқуъ пайваст.

Айни замон, шумораи умумии омӯзгорони факултети ҳуқуқшиносӣ 179 нафарро ташкил медиҳанд. Аз ин шумора 34 нафар доктори илми ҳуқуқ, ки аз ин 1 нафар Академики АИ ҶТ ва 2 нафар узви вобастаи АИ ҶТ, 83 нафар номзади илм, 25 нафар муаллими калон ва 37 нафарро ассистент ташкил медиҳад. Шумораи умумии занон дар факултет 30 нафарро ташкил дода аз ин шумора 16 нафар унвони илмӣ дорад.Аз 179 нафар шумораи устодони факултет, 117 нафари онҳо дорои дараҷаи илмӣ мебошанд, ки 65,36 % фоизро ташкил медиҳанд. Сину соли омӯзгорони факултет дар маҷмуъ 40.7 сола аз ҷумла мардон 40,6 сола ва занон бошад 43,8 соларо ташкил медиҳанд.

Инчунин, дар сохтори факултет 10 кафедраи тахассусӣ ва 1 кафедраи забонҳои хориҷӣ амал мекунанд, ки масъулияти асосии пешбурди фаъолияти таълимӣ, илмӣ ва тарбиявиро ба зимма доранд. Дар факултет кафедраҳои зерин фаъолият доранд:

- кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ;
- кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ ва ҳуқуқи маъмурӣ;
- кафедраи ҳуқуқи маданӣ;
- кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ;
- кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсия;
- кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат;
- кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ;
- кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ
- кафедраи ҳуқуқи наклиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиӣ;
- кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ;
- кафедраи забонҳои хориҷӣ.

Дар факултети ҳуқуқшиносӣ равандӣ таълим бо дарназардошти тамоми зинаҳои таҳсилот ба таври зайл ба роҳ монда шудааст:

Бакалавриат:
- 24010200 - ҳуқуқшиносӣ;
- 24010100 - ҳуқуқи байналмилалӣ;
- 93010100 - фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ;
- 26010200 - идораи давлатӣ ва ҳуқуқ;
- 24010302 - танзими ҳуқуқии молия ва қарз;
- 93010200 - экспертизаи судӣ;
- 24010217 - ҳифзи ҳуқуқии моликияти зеҳнӣ;
- 96010102-таъминоти ҳуқуқии фаъолияти гумрукӣ;
- 24010203 - фаъолияти судӣ, прокурорӣ ва муфаттишӣ;

Магистратура:
- 24010210 - ҳуқуқшиносӣ;
- 24010110 - ҳуқуқи байналхалқӣ;
- 93010110 - фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ;
- 26010210 - идораи давлатӣ ва ҳуқуқ;
- 2401030210 - танзими ҳуқуқии молия ва қарз;
- 9301020010 - экспертизаи судӣ;
- 2401021810 - ҳифзи ҳуқуқии моликияти зеҳнӣ;
- 2401021310 - фаъолияти судӣ, прокурорӣ ва муфаттишӣ;
- 24010206 - ҳифзи ҳуқуқии табиат ва муҳити зист.
- 24010220 - фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ

Доктор PhD
- 6D030100- ҳуқуқшиносӣ;
- 6D030200 - Фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ.

Таҳсилоти фосилавӣ:
- 24010200 - ҳуқуқшиносӣ;
- 93010100 - фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ;
- 26010200 - идораи давлатӣ ва ҳуқуқ;
- 24010233 - маълумоти дуюми олӣ.

Лозим ба ёдоварист, ки ихтисоси 24010200-и факултети ҳуқуқшиносӣ соли 2023 аз аккредитатсияи байналмилалӣ гузаронида шуд.

Бо ҳолати 01.10.2024 дар факултети ҳуқуқшиносӣ 3150 нафар донишҷӯ, магистрант, докторанти Phd ба таҳсил фаро гирифта шудааст. Аз ин миқдор 811 нафар дар шуъбаи фосилавӣ ва маълумоти дуюм таҳсил мекунанд.

Дар факултет чораёни таълим мутташаккилона ба роҳ монда шуда, аз ҷониби садорати факултет пайваста тадбирҳои муассир ҷиҳати баланд бардоштани сатҳу сифати таълим, азхудкунии донишҷӯён ва ба илмҳои замонавӣ фаро гирифта шудани донишҷӯён андешида мешаванд. Бо ин мақсад соли 2021 Барномаи рушди факултети ҳуқуқшиносӣ барои солҳои 2021-2025 қабул карда шуд, ки давра ба давра амалӣ шуда истодааст. Зарфияти кадрӣ, илмӣ, зеҳнӣ ва моддӣ-техникии факултет имкон фароҳам меорад, ки барои дар низоми таҳсилот ворид намудани усулҳои нави таълим бо истифода аз дастовардҳои технологияи иттилоотиву иртиботӣ тадбирҳои судманд роҳандозӣ шавад.

Таъмини мутахассисони ҷавон бо ҷойҳои кор низ аз самтҳои дигари фаъолияти факултет ба ҳисоб меравад. Бо мақсади ба кор таъмин намудани хатмкунандагони факултет давоми чанд соли охир аз ҷониби раёсати Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо роҳбарияти Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбарони як зумра мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои дигари давлатӣ шартномаҳои ҳамкорӣ ба имзо расонида шудаанд.

# РУШДИ КАМОЛОТ





Дар факултети ҳуқуқшиносӣ танҳо солҳои 2020-2025 зиёда аз 6294 маводҳои илмӣ ба табъ расиданд, ки онро 354 монография, 74 китоби дарсӣ, 402 воситаи таълимӣ, 178 дастури методӣ 5292 мақолаҳои илмию оммавӣ ташкил медиҳад.

Факултети ҳуқуқшиносии ДМТ дар самти ташаккули рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ва ташкил намудани шароити мусоид барои анҷом додани таҳқиқоти илмӣ корҳои судмандро анҷом дода истодааст. Айни замон дар факултети ҳуқуқшиносӣ ду маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти ҶТ ва КОА-и Федератсияи Россия маҷаллаи илмӣ-амалии «Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон» ва маҷаллаи илмӣ – иттилоотии «Ҳаёти ҳуқуқӣ» амал мекунанд.

Дар баробари ин дар факултет моҳномаи «Минбари ҳуқуқшинос» аз чоп мебарояд, ки дар он мақолаҳои омӯзгорон, кормандони соҳаҳои гуногун, аспирантон ва донишҷӯёни факултет ба нашр мерасанд.

Ҳамзамон дар назди факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ду Шурои дифоъ: Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-018 (12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат; 12.00.03 – ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ; 12.00.07 – Ҳуқуқи корпоративӣ; ҳуқуқи энергетикӣ) ва 6D.KOA-019 (12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ; 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ, танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ; 12.00.09 – Ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ) фаъолият менамояд.

Агар мо ба фаъолияти факултети ҳуқуқшиносӣ назар афканем шумораи умумии омӯзгорон, аспирантон ва унвонҷӯён, ки дифоъ кардаанд 174 нафарро ташкил медиҳанд. Аз ин миқдор 25 нафар рисолаи докторӣ, 147 нафар рисолаи номзадӣ ва 2 нафар рисолаи докторанти PhD дифоъ кардаанд.

Яке аз самтҳои асосӣ дар бахши илм ин фаъолияти китобхонаи факултети ҳуқуқшиносӣ махсуб меёбад. Китобхона ба хотири баланд бардоштани сатҳи дониши донишҷуён ва маърифати ҳуқуқии ҷавонон фаъолияти худро ба роҳ мондааст. Теъдоди умумии китобҳо то ба имруз ба 23369 адад расонида шудааст.

Дар факултет китобхонаи замонавӣ, маркази тестӣ, чор синфхонаи таълимӣ-тарбиявӣ: Ташкилоти ҷамъиятии «Созандагони Ватан», «Клиникаи ҳуқуқӣ», «Толори маҷлиси судии таълимӣ» ва «Лабораторияи криминалистӣ» фаъолият менамояд.

Яке аз самтҳои дигари фаъолияти факултетро бахши ҳамкориҳои дохилӣ ва байналмилалӣ ташкил медиҳад. Бо мақсади ба амал баро вардани ҳамкориҳои муфиди дуҷониба факултети ҳуқуқшиносӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, вазорату кумитаҳои давлатӣ, донишгоҳҳо, марказҳои илмию таҳқиқотии ҷумҳурӣ ва хориҷӣ алоқаи устувори илмиро ба роҳ мондааст.

Имрузҳо бо ифтихор метавон саҳми калони устодону омузгорони ин махзани илму маърифат ва ойинаи илму амалияи ҳуқуқро дар солҳои Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон дар самти таҳияи лоиҳаи Конститутсия, омода кардани лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба он, таҳия ва қабули қонунҳои ҷавобгӯй ба манфиатҳои миллӣ ва беҳдошти зиндагонии аҳолии кишвар, баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ, омода кардани кадрҳои илмӣ, такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, таҳия ва қабули барномаву консепсияҳои давлатӣ ва дар зеҳну тафаккури мардуми кишвар парвариш намудани андешаи эҳтиром ба қонунияту адолат, меҳанпарастӣ, ҳуввияти миллӣ, ҳисси эҳтиром ва эътимоду бовариро ба сиёсати давлатӣ махсус хотирнишон сохт.

Мавриди зикр аст, ки ҳайати профессорону омузгорон ва кормандони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо пуштибонии амиқ аз сиёсати хирадмандона, бобарор ва ҳадафмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баргузории муҳимтарин чорабиниҳои сиёсиву фарҳангии умумиҷумҳуриявӣ фаъолона ширкат намуда, дар устувории пояҳои ҳуқуқии давлатдории миллӣ, тарғибу ташвиқи мазмуни қонунгузорӣ ва баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқии аҳолӣ ҳиссаи арзандаи худро мегузоранд.

Барои саҳми назаррас ва хизматҳои шоён дар ҷодаи тарбияи мутахассисони ҷавон, рушди низомии ҳуқуқии кишвар, пешбурди ҳаёти илмӣ, таълимӣ ва тарбиявӣ як зумра устодони забардасти факултети ҳуқуқшиносӣ дар солҳои Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун нишони қадршиносӣ аз ҷониби Роҳбари давлат, Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мукофотҳои давлатӣ, медалу ифтихорномаҳо, мукофотҳои соҳавӣ ва дигар ҷоизаҳо сарфароз гардонида шудаанд.

Албатта мо эътироф менамоем, ки дар баробари музаффарияту дастовардҳои назаррас ҳоло низ камбудиҳои муайян дар самти бознигарии стандарту нақшаҳои таълимӣ, омода кардани мутахассисони сатҳи байналмилалӣ ва ҷавобгӯйи талаботи бозори меҳнат дар самти ҳуқуқшиносӣ ҷой доранд. Вале мо аминем, ки ин мушкилот дар фурсаттарин муҳлат бо кумаку дастгириҳои роҳбарияти донишгоҳ, корфармоён ва фидокориву фаъолияти сарбаландонаи ҳайати устодону профессорони факултет рафъ хоҳад шуд.

Дар остонаи таҷлили ҷашни бошукӯҳи 30-юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қарзи шаҳрвандии худ медонам, ки ба тамоми устодони факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки дар тамоми марҳилаҳои таҳия, қабул, такмил ва шарҳу тавзеҳи тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолона иштирок намудаанд, миннатдории самимии хешро изҳор намоям.

Бо истифода аз фурсати муносиб ҳамаи Шумо ва наздикону пайвандонатонро аз самими қалб ба ифтихори таҷлили ҷашни 30-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Соли маърифати ҳуқуқӣ самимона шодбоша гуфта бароятон тансиҳативу хонаи обод, комёбиву саодати рӯзгор, ба Тоҷикистони азиз пешрафту шукуфоӣ ва ба кори конференсия барорро орзу дорам.

# БОЛИҒ

*Ҳоло аҳли ҷомеаи ҳуқуқшиносон ва дигар аъзоёни ватандори ҷомеаи мадании Тоҷикистон дар арафаи таҷлили "30 – юмин солгарди қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон", "Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон шудани соли 2024" ва "75 – умин солгарди таъсисёбии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон" дар асоси фаъолияти илмӣ – амалии (100 солагии) доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Ходими шоистаи илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Виктор Аркадеевич Ойгензихт омодагӣ доранд. Барои истиқболи арзандаи ҳамаи ҷашнҳои болозикр хизмати ҳайати кормандону омӯзгорони факултети ҳуқуқшиносӣ, бахусус кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон беназир аст.*



Аз ҷониби Ҳукумати Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравӣ Сотсиалистӣ таъсиси (соли 1949) факултети ҳуқуқшиносӣ ва кафедраи ҳуқуқи мадании ҳамчун воҳиди асосии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В. И. Ленин омили муҳимми таърихӣ ва сиёсӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ буд. Барои чунин иқдоми бузург чунин суханон муносиб мебошад:

**"Болиғназарони офариниш,**
**Равшанбасарони тезбиниш"**
**(Ҷомӣ).**

Дар он таҷрибаи нахустин Донишгоҳҳои Аврупо, ба монанди Донишгоҳи Болон (соли таъсиси 1088) ва Донишгоҳи Париж (соли таъсиси 1208) оид ба таъсиси кафедраҳо амалӣ шудааст, чунки кафедра вобаста ба ихтисосҳои илмӣ ба фаъолияти таълимӣ ва тарбияи донишҷӯён, унвонҷӯён ва дигар кормандони илмӣ вобаста карда шуд. Таъсиси кафедраи ҳуқуқи мадании барои баланд бардоштани сифати таълим, ба камол расонидани мутахассисони соҳиби дараҷа ва унвони илмидошта замина гузошт.

Ҳамин тавр, низоми фанҳои таълимии ҳуқуқи мадании (ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи манзил, ҳуқуқи муаллифӣ, ҳуқуқи римии хусусӣ, ҳуқуқи ашёӣ, ҳуқуқи мерос, ҳуқуқи шартномавӣ, ҳуқуқи ухдадорӣ ва ғайра) ҳангоми таҳсил дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дастрасӣ теъдоди зиёди донишҷӯён ва кормандони илмӣ гардид. Дар иҷрои ин кор саҳми мудирон ва кормандони ин кафедра, меҳнати эҷодӣ ва ҳисси ватандории онҳо нақши муҳим дорад.

Мудирони ин кафедра Виталий Илич Корецкий – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Ходими шоистаи илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 1949 – 1968), Елена Николаевна Яковлева – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор (солҳои 1968 – 1976), Виктор Аркадеевич Ойгензихт (солҳои 1976 – 1980), Очилбой Усмонович Усмонов – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Узви вобастаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон (солҳои 1980 – 2006), Тағойназаров Шариф Тағойназарович – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон (солҳои 2006 – 2010) буданд. Онҳо барои такмили таълимоти ҳуқуқи маданӣ, инкишофи конунгузории маданӣ ва тарбияи насли ҷавони ҳуқуқшинос хизмати арзанда кардаанд. Бинобар ин чунин андеша мутобиқ мебошад:

**" Шудам ошиқ ба болои баландаш,**
**Ки кори ошиқон боло гирифтаст"**
**(Ҳофиз).**

Аз 3 январи соли 2011 то инҷониб мудири кафедраи мазкур Ғаюрзода Шукрулло Кароматулло – доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, Корманди шоистаи Тоҷикистон мебошад.

Ҳоло дар кафедра профессорон Ғаюрзода Ш. К., Тағойназаров Ш. Т., Маҳмудзода М. А. (Академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон), Муртазозода Ҷ. С., Ғаффорзода И. Ғ., Қурбонов Қ. Ш., Қосимов Ф. А., Қурбоналиэода Н. Ш., дотсентон Ҳиматов Ҳ. Н., Қурбонов Қ. Б., Саидов Ҳ. М., Соҳибзода М. М., муаллимони калон Мирзомуродзода Д. Г., Султонзода Д. Ш., ассистентон Ҷураев А. Ш., Шерзода Б. С., Нарзуллоев Ф. Ҷ., Ҳакимов Я. Б., Қодирзода С. С., лаборанти кафедра Дилрабои Абдуҷаббор, мудири кабинети таълимии кафедра Саидов Ш. У., ба фаъолияти меҳнатию эҷодӣ машғул мебошанд.

Ба ғайр аз гуруҳҳои умумӣ ва тахассусӣ, устодони кафедра ба донишҷӯёни ихтисоси 24010200 – Ҳуқуқшинос, ихтисоси 24010218 – Ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ аз фанҳои асосӣ (7 фан) ва курсҳои махсус (12 фан) таълим медиҳанд.

Дар заминаи ихтисосҳои назди кафедра дараҷаи таҳсилоти магистратура ва доктор – PhD таъсис дода шудааст.

Кафедраи ҳуқуқи маданӣ корҳои илмӣ - таҳқиқотии худро дар асоси Нақшаи корҳои илмӣ - таҳқиқотӣ барои солҳои 2021 - 2025 таҳти унвони «Нақши ҳуқуқи маданӣ дар амалӣ намудани ҳадафҳои стратегии миллӣ» анҷом дода ва дар ин самт ба дастовардҳои муайяни илмӣ ва таълимӣ ноил гардид.

Дар самти пешбурди корҳои тарбиявӣ, таҳкими робитаҳои илмию таълимӣ бо дигар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии дохилӣ ва хориҷӣ, ҳамкорӣ бо мақомотҳои давлатӣ, ҷомеаи маданӣ, инчунин иштирок дар чорабиниҳои фарҳангӣ ва сиёсӣ кормандони кафедра фаъол мебошанд.

Лутфан, дӯстони азиз таҷлили ҷашнҳои болозикр ба ҳамаи Тоҷикистон муборак бошад.

**Шукрулло Ғаюрзода**
**мудири кафедраи ҳуқуқи маъданӣ**

# ПРАВОВОЕ ПРОСВЕЩЕНИЕ: МОЛОДЁЖЬ И ЗАНЯТОСТЬ

*Развитие демократического, правового и светского государства во многом зависит от уровня знаний и правового образования населения.*
*Эмомали Рахмон*

Современный мир удивителен своими общественно-моральными устоями, которые с положительной стороны влияют на человека. В настоящее время, общество характеризует человека как личность, имеющий определённые навыки по образу ведения жизни.

Так, современная личность, по своей сути, должна соответствовать именно тем стандартам, которые выстраивают его как личность. Таковыми признаются элементарные нормы этикета, солидарности, толерантности и т.д. На сегодня, уровень правового просвещения населения, а именно среди молодёжи во многом повысилось. Это больше всего связанно с глобализацией и культурно-идеологическим обменом информации среди молодёжи. Данный момент тесно связан с нормами права. Ведь в жизни каждого право играет ключевую роль.

Существенная особенность права заключается в процессе её реализации. Анализируя определение права, которое присуще к человеку, мы пришли к выводу, что оно имеет сходное значение со словом «возможность».

Так как, исходя из целевого назначения права, которое во многом даёт человеку возможность достижения своих потребностей и нужд. В данном аспекте государство выполняет возложенные на него функции по исполнению целевых обязательств. А именно это связано с процессом осуществления государственной политики. Иначе говоря, государство путём реализации своих обязательств предоставляет индивиду право, в рамках которых личность воплощает в жизнь предоставленные возможности.

Современная личность связана с определённой занятостью, так как посредством реализации трудовой или другой занятости человек ведёт свою жизнь. Большинство членов общества среди молодёжи подвержены идее заниматься определённым видом деятельности. Разные категории среди населения, будь то школьники, студенты и др., размышляющие о своём будущем с наступлением определённого периода в их жизни начинают заниматься определённой деятельностью. В данный момент сложилась тенденция, что молодёжь после окончания школы мигрируют за рубеж. Хотя у большинства лиц этой категории не сформировался достаточный уровень правосознания и правового просвещения. Именно этот момент является очень важным так, как молодёжь является субъектами культурно-идеологического процесса передачи традиционных данных в мире. Исходя из вышеизложенного, считаем, что современная молодёжь, распространяющая различные виды информации в пределах интересов государства и общества должна обладать высоким уровнем правового просвещения, потому что уровень неосознанности права и неверный способ передачи информации могут привести к неблагоприятным последствиям. К примеру, спортсменам, представляющие нашу Родину на всемирной или международной арене, школьникам-олимпиадистам, участвующие на интернациональных турнирах по различным учебным дисциплинам, необходимо обладать значительными навыками по передаче именно нужной информации во благо или же корректным поведением в общественных или людных местах как за пределами страны, так и внутри.

Поэтому, подчёркиваем, что в процессе формирования личности, именно среди молодёжи важным атрибутом выделяется тот момент, когда она склонена к занятости. Ведь разумная занятость молодого поколения во многом положительно влияет на него самого. Молодое поколение, которое полна энергии и силы по природе находятся в поисках его растраты, и именно трудовая или спортивная занятость молодого поколения является необходимым решением в данной полемике.



**БОБОЗОДА Умеджон**
**ассистент кафедры прав человека и сравнительного правоведения**

*Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лиҳози фарогирии масъалаҳои ҳаёти сиёсӣ – иқтисодӣ, иҷтимоию фарҳангии мамлакат ҳуҷҷати арзишманд ва ҳидоятсози мардуми кишвар ба ҳисоб меравад.*

*Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун рамзи соҳибихтиёриву соҳибдавлатии тоҷикон ба ҳисоб рафта вазифаҳо ва ҳадафҳои дар он пешбинигардида бароиояндаи дурахшони мамлакат ва шоистаи мардум равона гардидааст.*



Каримзода Рухшона
дотсенти кафедраи ҳуқуқи мадани

# РУШДИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ САМАРАНОКИИ ХИЗМАТРАСОНИИ ФАРҲАНГӢ

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2024-ро «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намуданд, ки ин нишони эҳтирому, эътимод ва боварӣ ба ҳуқуқшиносони кишвар махсус меёбад ва чунин қайд карданд шаҳрванде, ки ҳуқуқи худро истифодаю, ҳимоя карда метавонад, инчунин уҳдадориҳои худро иҷро менамояд, маърифати баланди ҳуқуқӣ дорад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳи бунёди давлатӣ, демократӣ ва ҳуқуқбунёдро пеш гирифта шудааст, инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он арзиши олӣ мебошад.

Ҳамзамон мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мазмуни қонунҳо ва фаъолияти тамоми мақомоти давлатиро таъмин, эътироф, риоя ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро ҳифз менамояд.

Муҳимияти маърифати ҳуқуқи дар он аст, ки набудани саводнокии ҳуқуқи на танҳо ба ғайриимкон гардидани ҳимояи ҳуқуқҳо таъсир мерасонад, балки боиси афзоиши ҳуқуқвайронкунӣ мегардад.

Роҳҳои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ - ин баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон бо роҳи таълиму тарбияи ҳуқуқӣ, тарғибу ташвиқи ҳуқуқӣ, иттиллоотонии ҳуқуқӣ, машваратдиҳии ҳуқуқӣ ва расонидани ёрии ҳуқуқӣ метавонад ташаккул дода шавад.

Дар асоси моддаи 40 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳар шахс ҳуқуқ дорад озодона дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа, эҷоди бадей, илмӣ ва техникӣ ширкат варзад, аз дастовардҳои онҳо истифода кунад.

Бо супориши роҳбари давлатамон мо дар тамоми вазорату идораҳо, донишгоҳҳои мамлакат дар муассисаҳои таълимӣ, шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ китобхонаҳо дорем, шаҳрвандони мо метавонанд, бо мақсади баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии худ аз ин китобхонаҳо истифода кунанд.

Роҳи дигари баланд бардоштани маърифати ҳуқуқи ин тафсир ва қонунҳо ба ҳисоб меравад шаҳрвандони мо метавонанд аз қонуну тафсирҳое, ки бо тағиру иловаҳои нав амал мекунанд, истифода намоянд.

Роҳи дигари баланд бардоштани маърифати ҳуқуқи ин васоити ахбори омма мебошад мо метавонем бо ёрии ҳуқуқшиносон ба саволҳои мардум бо тариқи мактуб, смс паёмак ва ё зангҳои телефонӣ ҷавоби дурусту амиқ диҳем.

Дар асоси Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳимояи манфиатҳои миллӣ, тақвияти соҳибихтиёрӣ ва давлатдории миллӣ, таҳкими идоракунии давлатӣ, ҳифзи саломатии аҳолӣ, рушди маориф ва илм, фарҳанг, кафолати фаъолияти озоди иқтисодӣ, баробарӣ ва гуногунии шаклҳои моликият, рушди соҳибкорӣ, таъмини ваҳдати миллӣ ва сулҳу суботи ҷомеа вазифаҳои якумдараҷаи сиёсати ҳуқуқии Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошанд.




Дар фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ истилоҳи «фарҳанг» аз калимаи арабӣ гирифта шуда, маънои маҷмӯи дастовардҳои инсоният дар соҳаи муносибатҳои истеҳсолӣ, ҷамъиятӣ ва ахлоқӣ буда, ҳамчунин, маънои маданият, одоб, шуур, илм, маърифат, ақл, хирад ва тадбирро дорад.

Фарҳанги ҳуқуқӣ – як намуди фарҳанги ҷомеа мебошад, ки аз сатҳи инкишофи ҳуқуқии ҷомеа дар робита бо ҳамаи унсурҳои воқеияти ҳуқуқӣ шаҳодат медиҳад.

Масъалаи баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ ва дар ин замина ташаккули фарҳанги баланди ҳуқуқӣ, мубориза бар зидди нигилизми ҳуқуқӣ, рушди институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва таҳкими принсипи волоияти қонун ҳамеша аҳамияти хоса доштанд.

Фарҳанги ҳуқуқӣ – як намуди фарҳанги ҷамъиятӣ аст, ки вазъи сифатии ҳаёти ҳуқуқии ҷомеаро ифода намуда, дар хусуси сатҳи шуури ҳуқуқӣ маълумот дода, тамоми арзишҳои ҳуқуқиро дар бар мегирад.

Фарҳанги ҳуқуқӣ падидаи ҳаётан муҳими ҷомеа аст, ки дар густариши давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дар ташаккули шахсият ҳамчун субъекти фаъоли ҷомеа нақши басо муҳим дорад. Баланд бардоштани сатҳи маърифат ва шуури ҳуқуқии аҳолӣ, таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон яке аз самтҳои муҳими сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб мешавад. Эътироф, эҳтиром ва риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҷузъи фарҳанги ҳуқуқи буда, бе донишомӯзӣ, бе маърифатнокии аҳолӣ, бе чораёни мунтазами таълим номумкин аст. Ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ маърифатнокӣ ва тарбияву таълимоти ҳуқуқиро металабад. Инсон ҳар чӣ қадар бештар аз ҳуқуқу озодиҳои фардӣ бархурдор бошад, сатҳи истифодаву риояи онҳо ҳамон қадар беҳтар мегардад. Фарҳанги ҳуқуқӣ қисми таркибӣ ва ҷудонашавандаи фарҳанги умумиинсонӣ буда, маҷмӯи арзишҳои ҳуқуқиест, ки аз насл ба насл то ба замони мо омада расидааст.

Маърифати ҳуқуқӣ бояд аз оила низ оғоз гардад. Тибқи маълумоти оморӣ, қисми зиёди аҳолии Тоҷикистонро ҷавонон ташкил медиҳанд. Маҳз талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд” волидайнро вазифадор менамояд, ки фарзандро дар руҳияи эҳтиром ба Ватан, қонун, арзишҳои миллӣ ва умумибашарӣ, инчунин бартарии манфиатҳои миллӣ тарбия намоянд. Бешубҳа, талаботи мазкур, пеш аз ҳама, ба хотири инкишофи ҳамаҷонибаи фарзанд ва барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқиаш равона гардидааст.

Албатта, баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон вазифаи на танҳо давлат, балки тамоми аъзои ҷомеа мебошад. Бинобар ин, бояд ҳамаи мо дар ин самт бетараф набошем ва то қадри имкон тамоми дониш, малака, таҷриба, неру ва имкониятҳои худро барои иҷрои вазифаҳое, ки барои пешрафти ҷомеа мусоидат менамоянд, равона намоем.

Мақсади соли 2024-ро эълон намудани «Соли маърифати ҳуқуқи» - ин баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ, мустаҳкам намудани институти инсон, муносибати эҳтиромона ба он, баланд бардоштани мақоми қонун, тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи эҳтиром нисбат ба қонун мебошад.

Мо намояндагони касби пуршарафи ҳуқуқшиносӣ барои чунин иқдоми наҷиб ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллатамон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон изҳори сипоси самимӣ баён менамоем.

Ҳолати мазкур тақозо менамояд, ки мо беш аз ҳар вақти дигар бо дарки масъулияти баланд ба иҷрои вазифаҳои хизмати худ муносибат карда, ҷиҳати боло бурдани фарҳанг, шуур ва маърифати ҳуқуқии аҳолӣ аҳлона кор кунем.

МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

*Дар ҷомеае, ки шаҳрвандонаш дорои дарки шуури ҳуқуқӣ мебошанд, пешрафт ва инкишофи он ҷомеаро метавон кафолат дод. Ин буд, ки соли 2024 аз ҷониби роҳбари давлат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли маърифати ҳуқуқӣ эълон гардид. Баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон бо роҳи татбиқ гардидани лоиҳаҳои дар ин самт омода гардида ва шинос намудани аҳолии кишвар бо меъёрҳои аввалиндараҷаи қонунгузории давлат метавон амалӣ карда шавад. Маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон боис бар он мегардад то сатҳи дарки шаҳрвандон вобаста ба шинохти ҳуқуқҳои худ баланд бардошта шавад. Шаҳрвандон аз ҳуқуқҳои худ бархурдор гарданд ва тавонанд аз дарки меъёрҳои қонунгузорӣ бархурдор бошанд. Шуури ҳуқуқии шаҳрвандон ин дарки ҳуқуқии аҳолиро дар назар дошта, барои фаҳмиши арзишҳои маънавии ҷомеаи ҳуқуқбунёд маҳсули асосӣ ба ҳисоб меравад. Дар ҷомеае, ки шаҳрвандон дорои дарки баланди ҳуқуқӣ мебошанд, меъёрҳои қонун амалӣ гардиданашон имконпазиртар мегардад.*

# НАҚШИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ ДАР БАЛАНД БАРДОШТАНИ ШУУРИ ҲУҚУҚИИ ШАҲРВАНДОН



**Исмонқулзода Сафаргул**
**ассистенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ**




Маърифати ҳуқуқӣ раванди итилоонии ҳуқуқӣ доир ба қоидаҳои ҳатмии рафтори иштирокчиёни муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад, ки мақсади он баланд бардоштани шуурнокии субъектони ҷамъиятӣ инчунин пешгири намудани ҳуқуқвайронкуниҳо мебошад.

Барои таҳким бахшидан меъёрҳои ваҳдати миллӣ ва ҳифзи арзишҳои он ба ифтихори 30-юмин солгарди Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Пешвои миллат соли «Маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардид. Паёми Президенти кишвар рамзи соҳибихтиёрии давлат ва озодии баёни он мебошад. Дар паёми Пешвои миллат мо ба меъёри асосии самтҳои фаъолияти давлат сарфаҳм меравем. Дар паём ба Маҷлиси Олии кишвар Пешвои миллат иброз дошта буданд, ки асоси сиёсати давлатии кишварро сиёсати дарҳои кушод ва таҳким бахшидани меъёрҳои конститутсияи кишвар мебошад. Барои дар амал татбиқ намудани ин сиёсат лозим аст то ки шаҳрвандон ба меъёрҳои қонунгузории он сарфаҳм раванд.

Сатҳи баланди меъёри ҳуқуқӣ боиси он мешавад, ки шаҳрвандон аз оддитарин ҳуқуқу озодиҳои худ, ки дар Конститутсияи кишвар дарҷ гардидаанд, бархурдор бошанд. Яъне, ин беҳтарин иқдоми давлат ба ҳайси давлати демократӣ мебошад. Ин ба шаҳрвандон имконият медиҳад, то шаҳрвандон дар муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки худ иштирокчии ин муносибатҳо ҳастанд татбиқ намоянд. Таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ маҳаки асосии баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон мебошад. Тавассути таълими тарбияи ҳуқуқӣ, ки яке аз ҷузъҳои ҷудонопазири сиёсати давлатӣ ба шумор меравад, метавон тарбияи ҳуқуқӣ, ахлоқӣ ва эстетикии он низ анҷом дода шавад, чунки тарбияи ҳуқуқӣ дар асоси мадди назар гирифтани меъёрҳои ахлоқӣ, одоб ва расму русуми миллӣ, ба роҳ монда мешавад. Баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ бо роҳи қабули санадҳои қонунгузории хосси давлат алоқаманд мебошад. Ба мисли қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак»-ро метавон ёдовар гардид. Бояд зикр намуд, ки ба маърифти ҳуқуқӣ ҳанӯз дар солҳои пешин низ аҳамият дода мешуд. Дар чанд соли пеш вобаста ба маърифати ҳуқуқӣ «Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон барои солҳои 2020-2030», қабул гардида буд. Инчунин Консепсияи расонидани ёрии ҳуқуқии ройгон ба шаҳрвандон аз соли 2015 мавриди қабул гардида буд. «Стратегияи миллии рушди Тоҷикистон барои соли 2030» ва «Барномаи давлатии тарбияи ватандӯстӣ эҳсоси масъулияти шаҳрвандӣ ва таҳкими ҳуввияти миллии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027» аз қабили ҳуҷҷатҳои муҳиме мебошанд, ки барои таҳкимбахшии маърифтаи ҳуқуқии шаҳрвандон метавонанд таъсиргузор бошанд.

Маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, на танҳо барои шуури ҳуқуқӣ, балки барои баланд бардоштани сатҳи тарбияи ҳуқуқии аҳоли дар тамоми соҳаҳо таъсирбахш мебошад. Шаҳрвандон бо ташкил намудани барномаҳои дар боло зикргардида метавонанд бо дарки шуури ҳуқуқӣ дар фаъолияти ҳуқуқэҷоднамоии ҷомеа иштироки фаъолона меварзанд ва метавонанд, аз ҳуқуқҳои сиёсии худ, ки дар Конститутсияи кишвар кафолат дода шудаанд, озодона истифода намоянд.

Маҳз маърифати ҳуқуқӣ метавонад барои беҳтар намудани вазъи ҳуқуқии ҷомеа таъсиргузор бошад. Маърифати ҳуқуқӣ сатҳи таърихан муайяншудаи инкишофи ҷомеа буда, қобилияти ҳуқуқэҷодкунӣ, муносибати аҳолиро байни ҳамдигар ва нисбати арзишҳои маънавӣ ва модии дар ҷамъият вуҷуддоштаро инъикос менамояд. Маърифати ҳуқуқӣ қисми таркибии маданияти ҳуқуқӣ ба ҳисоб меравад. Маърифати ҳуқуқӣ асоси ҷомеаи шаҳрвандӣ ва нишондиҳандаи камолоти низоми ҳуқуқӣ мебошад. Ин омил ба раванди ҳои мухталифи ҷомеа таъсир расонида метавонад. Тавре ки маълум аст, меҳвари сиёсати ҳуқуқии кишварро арзиши олӣ доштани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ташкил медиҳад. Эҳтироми ҳуқуқи инсон чун принсипи асоси ҳама намудҳои фаъолияти дар давлат амаликунандаро дар назар дорад. Дар такя ба ин принсипи волоияти қонун –муносибати боэҳтиромонаи мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад, ки ба шаъну шарафи инсон чун волотарин арзиши ҳастӣ асос меёбад. Ин намуди фаъолияти мақомоти давлатӣ оид ба эътироф ва мутаҳид намудан дар сарчашмаҳои меъёрӣ, ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ва манфиати қонунии ҳар як шахс мебошад. Тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи эҳтиром нисбат ба қонун дар асоси принсипҳои асосии зерин амалӣ мегардад. А) шинохти қонун ҳамчун меъёри олии ҳуқуқӣ дар низоми ҳуқуқӣ ва қувваи олии ҳуқуқӣ доштани он; Б) ҳама гуна меъёрҳо, ки ба қонун муҳолиф мебошанд татбиқ намешаванд; В) риояи қонун ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон ба фароҳам овардани қоидаву расмиёти равшану пешгуишаванда таъмин мегардад.

Сатҳи инкишофи маърифати ҳуқуқӣ метавонад бевосита ба дастрасии итилооти ҳуқуқӣ таъсир расонад ва ба боло рафтани эҳтиром нисбат ба қонун ва дигар намуд санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ чун воситаи калидии ба танзимдарории муносибатҳои ҷамъиятӣ, кам намудани сатҳи бетарафӣ дар ҷамъият ва дар ҳар як шахсият эҷод намудани шуури ҳуқуқӣ, баланд бардоштани масъулияти ҳуқуқ нисбат ба ҷамъият ва низоми дар он мавҷудбуда мусоидат намояд.

Соли маърифати ҳуқуқӣ эълон шудани соли 2024 бояд марҳилаи нави рушди ҳуқуқиро дар ҷомеа инъикос намояд. Дар ин 33 соли ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ва тай намудани солҳои пурпечутоби пешравии кишвар лозим аст, ки дигар қонун ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ маҳаки асосии пешравиро дар бар гиранд.

Маърифати ҳуқуқӣ сараввал бояд дар байни ҷавонон хосса донишҷӯён баланд бардошта шавад. Дар байни ин табақа пеш аз ҳама ташаккул доданӣ ақидаю эътиқоди устувори ҳақиқӣ дар муносибат бо қонунҳои давлат ва иштироки фаъолона дар татбиқи меъёрҳои қонунгузорӣ ба ҳисоб меравад. Маърифати ҳуқуқӣ ин раванди паҳн намудани донишҳои ҳуқуқӣ дар байни аҳолӣ мебошад, ки ин эҳтиром ба қонун ва адолатро вусъат медиҳад. Метавон қайд намуд, ки маърифати ҳуқуқӣ ба иштироки фаъолонаи шаҳрвандон дар ҳаёти сиёсии кишвар мусоидат менамояд, ки тартиб роҳи ягонаи ташкил додани шаҳрвандии ташакулёфта ба ҳисоб меравад.

*Защита прав и свобод детей является важной задачей любого государства, особенно в современном мире, где дети являются наиболее уязвимой категорией населения. Республика Таджикистан, как суверенное государство, уделяет значительное внимание защите прав и свобод детей. Конституция Республики Таджикистан, принятая 6 ноября 1994 года, является основным законом, который закрепляет права и свободы детей, гарантируя их соблюдение и защиту.*

# КОНСТИТУЦИОННЫЕ ОСНОВЫ ЗАЩИТЫ ПРАВ РЕБЁНКА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В условиях динамически меняющегося социально-экономического и политического контекста, вопросы защиты прав детей становятся еще более актуальными, требуя от государства создания механизмов для их эффективной реализации. Конституционные нормы выступают в качестве ключевого правового инструмента, определяющего основу государственной политики в данной сфере.

Одним из ключевых положений Конституции, касающихся прав ребёнка, является статья 5, которая гласит, что права, свободы, честь и достоинство человека являются высшей ценностью, и их признание, соблюдение и защита являются обязанностью государства. Это положение распространяется на всех граждан, включая детей, и является фундаментом для защиты их интересов. В Статья 34 Конституции Республики Таджикистан содержит норму, которая напрямую регулирует вопросы семьи, материнства, отцовства и ребёнка. В ней указано, что мать и ребенок находятся под особой защитой и покровительством государства, а родителям предоставляется право и обязанность заботиться о воспитании и развитии своих детей. Эта статья подчеркивает важность семейного воспитания и защиты прав детей как одного из приоритетов государственной политики.

Кроме того, статья 41 Конституции Республики Таджикистан, закрепляет право на образование, которое распространяется на всех граждан, включая детей. Конституция обязывает государство обеспечить доступ к бесплатному общему образованию, что является важным элементом в процессе защиты прав ребёнка. Образование является ключевым фактором, способствующим развитию детей, и в этой связи государство должно создавать все условия для их всестороннего интеллектуального, культурного и духовного развития.



Халимова Мадина
студентка 4-го курса

Важной составляющей защиты прав детей в Таджикистане является интеграция международных правовых норм в национальное законодательство. Республика Таджикистан является участником ряда международных договоров и соглашений, направленных на защиту прав детей, включая Конвенцию о правах ребёнка, которую страна ратифицировала в 1993 году. Этот международный документ устанавливает широкий спектр прав для детей, включая право на жизнь, здоровье, образование, защиту от эксплуатации и насилия, а также право на участие в общественной жизни.

Конвенция ООН о правах ребёнка также требует, чтобы национальные законодательства государств-участников были приведены в соответствие с ее положениями. В Конституции Республики Таджикистан отражены принципы международного права, что подчеркивает приоритет норм международных договоров, к которым присоединилась республика. Статья 10 Конституции гласит, что международные правовые акты, ратифицированные Республикой Таджикистан, имеют приоритет перед национальным законодательством, что создает прочную правовую основу для защиты прав ребёнка в рамках международных стандартов.

Несмотря на то, что Конституция и законодательство Республики Таджикистана обеспечивают достаточно высокий уровень защиты прав детей, на практике существует ряд проблем, требующих решения. Одной из таких проблем является недостаточное информирование о правах и свободах детей, что особенно актуально для отдаленных районов страны.

Однако перспективы в области защиты прав ребёнка в Республике Таджикистан выглядят положительными. Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон в своем ежегодном послании Маджлиси Оли страны «Об основных направлениях внутренней и внешней политики республики» объявил 2024 год «Годом правового просвещения» и внедрения новых реформ в образовательной и социальной сферах государство предпринимает шаги к улучшению механизма защиты прав ребёнка. Важным шагом является развитие сотрудничества с международными организациями, такими как ЮНИСЕФ, которые оказывают помощь в разработке программ поддержки детей. Также, для повышения правовой грамотности населения необходимо внедрять программы по правовому просвещению, особенно в школах и на местном уровне проводить встречи с населением. Образовательные учреждения должны стать платформами для распространения знаний о правах детей, а также о механизмах их защиты.

В заключение можно отметить, что Конституция Республики Таджикистан предоставляет прочные правовые основы для защиты прав и свобод ребёнка. Эти положения отражают стремление государства к созданию благоприятной среды для развития детей, обеспечивая их безопасность и поддержку на всех уровнях. Кроме того, имплементация международных стандартов, таких как Конвенция ООН о правах ребёнка, в национальное законодательство позволяет Таджикистану более эффективно защищать детей, учитывая международные обязательства и лучшие практики. Несмотря на положительные конституционные и правовые основы, существует необходимость в дальнейшем совершенствовании механизмов защиты прав ребёнка, особенно в сфере повышения правовой грамотности населения. Реализация образовательных и просветительских программ, активное взаимодействие с международными организациями и внедрение реформ в социальной сфере играют ключевую роль в улучшении положения детей в Таджикистане. Успешное выполнение этих задач позволит укрепить правовую защиту детей и обеспечить их полноценное развитие в условиях социального и правового государства.




# THE CONSTITUTION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN: FUNDAMENTAL LAW AND ITS SIGNIFICANCE

*The Constitution is the fundamental law of any state, establishing the legal foundations of its existence, the structure and functions of government bodies, as well as the basic rights and freedoms of citizens. The Constitution of the Republic of Tajikistan was adopted on November 6, 1994, at a nationwide referendum and has since played a key role in the life of the country.*



Boboev Barakatullo
1-year student

Historical Significance of the Adoption of the Constitution:

The adoption of the Constitution was a crucial step in the establishment of independent Tajikistan after the collapse of the Soviet Union. The document enshrined the principles of state sovereignty, democratic development, and the protection of human and civil rights and freedoms. The Constitution of the Republic of Tajikistan declares that the republic is a sovereign, democratic, legal, and secular state.

Main Principles of the Constitution:

The Constitution of Tajikistan consists of a Preamble, 10 chapters, and 100 articles. The main principles enshrined in the Constitution include:

1. State Sovereignty: Tajikistan is an independent state, which means it has the right to determine its domestic and foreign policies independently.

2. Separation of Powers: The Constitution enshrines the principle of the separation of powers into legislative, executive, and judicial branches, which is the foundation of the country's democratic system.

3. Human and Civil Rights and Freedoms: The Constitution guarantees a wide range of rights and freedoms, such as the right to life, freedom of speech, freedom of conscience, the right to participate in the governance of the state, as well as social, economic, and cultural rights.

4. Secular Character of the State: The Constitution states that Tajikistan is a secular state, meaning the separation of religion from the state and the equality of all citizens regardless of their religious beliefs.

Organization of Government:

The Constitution defines the structure and functions of the main government bodies:

1. The President is the head of state and holds broad powers. He ensures the stability of government, guarantees the observance of the Constitution, and coordinates the activities of all branches of government.

2. Majlisi Oli (Supreme Assembly) consists of two chambers: the Majlisi Milli and the Majlisi Namoyandagon. This is the highest legislative body, which develops and adopts laws, and oversees the activities of the executive branch.

3. The Government, led by the Prime Minister, is responsible for the implementation of laws, economic development, social policy, and other aspects of state administration.

4. The Judiciary in Tajikistan is represented by a system of courts, including the Constitutional Court, the Supreme Court, and the Supreme Economic Court. The courts are independent and obey only to the law.

Reforms and Amendments to the Constitution:

Since the adoption of the Constitution, several amendments have been made to improve the system of governance and ensure citizens' rights. One significant change occurred in 2016 when amendments were made concerning the extension of the president's term of office and the restriction on political parties based on religious principles.

The Constitution and Civil Society:

The Constitution of Tajikistan also plays an important role in the development of civil society. It recognizes the importance of public associations, political parties, and non-governmental organizations, which can freely operate based on the law. This contributes to the development of democratic processes in the country and the involvement of citizens in state governance.

Conclusion:

The Constitution of the Republic of Tajikistan is not only a legal document regulating state processes but also a symbol of independence, sovereignty, and the rule of law. It provides a solid foundation for the development of democratic institutions, the protection of human and civil rights and freedoms, and ensures the stability and prosperity of Tajikistan.

# НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ТАҲКИМИ СУЛҲИ МИНТАҚА ВА ҶАҲОН

**(Дар ҳошияи пешниҳоди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оид ба қабули қатъномаи махсуси СММ вобаста ба “Даҳсолаи таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда”)**



САФАРОВ Меҳроб
донишҷӯи соли 3

Сулҳу амният, ки гаронарзиштарин сармояи инсоният ба шумор рафта, ҳамчун кафили зиндагии арзанда барои одамон маҳсуб мегарданд, маҳз бо талошу кӯшиш ва заҳматҳои муттаҳидкунандаи шахсиятҳои барҷастаи таърихӣ ба даст меоянд. Ваҳдату осоиштагӣ ва сулҳи сартосарии Тоҷикистони азиз низ, ки бо тай намудани душвориҳои зиёд ва ба харҷ додани талошҳои бешумор ба даст омадаанд, ба корномаи шахсияти намоёни сиёсати ҷаҳонӣ, фарзонафарзанди миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тавъам мебошанд.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон замоне ба майдони сиёсат ворид шуданд, ки миллати тоҷик дар вартаи парокандашавӣ қарор дошт ва Тоҷикистони тозаистиқлол ба сарҳади нестӣ расида буд. Маҳз иродаи қавӣ, талошҳои пайваста ва ҷонбозиҳои фарзанди барӯманди миллат Эмомалӣ Раҳмон боис бар он гардид, ки дар кӯтоҳтарин муддат сулҳу амният дар Тоҷикистон барқарор шавад ва садҳо ҳазор гурезагони иҷборӣ ба Ватан баргарданд.

Сарвари тоҷикони ҷаҳон Эмомалӣ Раҳмон дар ҳамон вазъияти мураккаби сиёсӣ аз аввалин роҳбароне шуд, ки ҷомеаи ҷаҳониро ба мубоpизаи дастаҷамъона алайҳи ҳамагуна хатарҳо, ки бар зидди сулҳу амнияти ҷаҳонӣ равона шудаанд, даъват намуданд.

Таҷрибаи сулҳофарии тоҷикон ва фарҳанги волои ваҳдатофаринии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сифати нодиртарин дастоварди ҷомеаи ҷаҳонӣ дар самти ба даст овардани сулҳу ваҳдат маҳсуб мегардад. Зеро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба сифати сиёсатмадори сатҳи ҷаҳонӣ хуб дарк намуданд, ки ба даст овардани ваҳдати тоҷикон танҳо дар сурати муколама ва гуфтушуниди тарафҳо имконпазир аст.

Ҳамин аст, ки имрӯз ин механизми сулҳофарии тоҷиконро дар сатҳи минтақа ва ҷаҳон барои хомӯш намудани даргириҳои гуногун истифода мебаранд. Воқеан ҳам ба даст овардани сулҳ бо истифода аз роҳҳои дипломатӣ дар шакли гуфтушунид ва муколамаҳо ҷомеаи ҷаҳониро водор сохт, то ақидаи худро оид ба сулҳу амният ва роҳҳои ба даст овардани он тағйир диҳанд.

Имрӯз фазои сулҳу осоишта ва ваҳдати сартосарии тоҷикон имкони бештар фароҳам овардааст, то Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳалли масоили гуногуни глобалӣ аз қабили мушкилоти обу иқлим, ҳифзи табиат, мубориза бо терроризму ифротгароӣ ва амсоли инҳо ташаббусҳои созанда ва ҷаҳониро нишон диҳад.

Дар баробари таваҷҷуҳи вижа ба масоили обу иқлим ва дар ин самт пешниҳод намудани як қатор таклифҳои созандаву саривақтӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мушкилоти таъмини сулҳу амният дар ҷаҳон таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамоянд ва кишварҳои ҷаҳонро барои расидан ба натиҷаҳои дилхоҳ ба иқдомҳои созандаву муҳим даъват менамоянд.

Бори дигар иброз медорем, ки Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон истифода аз яроқу силоҳ ва ба кор бурдани нерӯҳои ҳарбиро ҷиҳати таъмини сулҳу оромиш дар ҷаҳон шадидан маҳкум намуда, балки андешидани тадбирҳои мушаххасу дастаҷамъонаро дар ин самт афзалтар медонанд. Бо чунин мазмун Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2011 дар Иҷлосияи байналмилалии мубориза бо терроризм, ки дар Ҷумҳурии Исломии Эрон баргузор гардида буд, баромад намуда, таъкид сохтанд: “Равшан аст, ки дар мубориза бо терроризм фақақт ба қувваи зӯрӣ ва нерӯи ҳарбӣ такя карда мумкин нест. Гарчанде нақши иқтидори низомӣ муҳим аст, вале он дар ин арсаи мубориза василаи мутлақу ягона нест. Ин мубориза бояд бо андешидани тадбирҳои дастаҷамъона дар соҳаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва иттилоотӣ тақвият дода шавад. Ин тадбирҳоро дар сатҳи байналмилалӣ аввалан таҳия ва ба нақша бояд гирифт.”

Пешниҳоди навбатие, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронӣ дар Ҳамоиши Оянда садо дод, ҳамчун навиде буд барои ташнагони сулҳу оромиш ва ҳамчун пайғоми умедбахше буд барои ояндаи дурахшони башарият.

Пешвои маҳбуби миллат, бо назардошти авзои зудтағйирёбандаи ҷаҳон ва хавфу таҳдидҳои он ба сулҳу амнияти сайёра ткалиф намуданд, ки тавассути қатъномаи махсуси Созмони миллали Муттаҳид “Даҳсолаи таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда” қабул карда шавад. Иқдоми мазкур бори дигар аз сулҳофару ваҳдатпарвар будани миллати тоҷик гувоҳӣ дода, беҳтарин муждае хоҳад буд барои тамоми башарият. Зеро сулҳу субот ва оромишу осоиштагӣ асоси пешрафт, зиндагии арзанда, рушди босуботи ҷомеа ва волотарин арзишҳои инсоният маҳсуб мегарданд.

Пас аз пешниҳоди мазкур ҷомеаи ҷаҳонӣ, махсусан кишварҳое, ки ба даргириҳои шадиди сиёсӣ гирифтор шудаанд, дар симои Пешвои маҳбуби тоҷикон шахсияти сулҳофари башарият ва кафили ояндаи дурахшони ҷомеаи ҷаҳониро мебинанд.

Махсусан “Даҳсолаи таҳкими сулҳ ба хотири наслҳои оянда” ном гирифтани пешниҳоди мазкур бори дигар гувоҳи он мебошад, ки тамоми талошу заҳматҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон танҳо ба хотири ояндаи дурахшони насли наврасу ҷавон мебошад. Ин нуқтаро Сарвари давлат низ пайваста хотрнишон намуда, таъкид месозанд, ки тамоми талошҳои мо ба хотири Шумо ҷавонону наврасон мебошад ва аз насли калонсол даъват ба амал меоранд, то Ватани азизамонро ободу зебо карда, барои наслҳои ояндаи як кишвари пешрафтаву ободро ба мерос гузорем.

Аз ин рӯ мо ҷавононро месазад, ки бо шукургузорӣ аз фазои сулҳу оромиши кишвари азизамон атрофи сиёсати хирадмандонаву раийятпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муттаҳид гардида, барои баровардa сохтани ормонҳои миллӣ беш аз пеш кӯшиш намоем ва ба ҳамгуна хавфу хатарҳои замони муосир мубоpизаи дастаҷамъона барем.

Бо ҳисси фараҳу шодӣ ва умеди бепоён иброз медорем, ки пешниҳоди мазкур марҳилаи наверо дар самти таҳкими сулҳи ҷаҳонӣ оғоз бахшида, барои муттаҳид намудани талошҳои алоҳидаи давлатҳо дар ин самт заминаи мусоидро фароҳам меорад.

# МАСИРИ РУШДИ ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛӢ



Шоҳиддинзода Бахтиёр
ёрдамчии калони прокурори
ноҳияи Шоҳмансур

Бо сиёсати боровару талошҳои хастанопазири Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон шаҳрвандони мамлакат дар соли 2024 33-юмин солгарди Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба таври шоиста ва бо дастовардҳои беназир ҷашн мегиранд. Истиқлоли давлатии ифодакунандаи соҳибихтиёрии давлат, рукни бунёди озодии инсон ва ҷавҳари асосии зиндагӣ дар тамоми давру замон ба ҳисоб меравад.

Мусаллам аст, ки ҳар як шаҳрванд вазифадор аст бо амалисозии иқдому ташаббусҳои неку созанда ба хотири боз ҳам таҳким бахшидани дастовардҳои истиқлоли давлатӣ, тақвияти иқтидори иқтисодии давлат, беҳтар гардонидани сатҳу сифати зиндагии мардум ва ободии Ватан бо роҳи ҳарчи зудтар расидан ба ҳадафҳои стратегии миллӣ қарзи фарзандӣ ва рисолати шаҳрвандии худро дар назди халқ ва давлати Тоҷикистон содиқонаву софдилона иҷро намояд.

Истиқлолияти давлатӣ дастоварди бузург дар таърихи давлатдории тоҷикон мебошад. «Истиқлолият» мафҳуми арзишманд ва дар навбати худ калидие мебошад, ки ноил гардидан ба он шарафи бузург барои ҳар як миллат аст. Истиқлолияти давлатӣ ба он мусоидат намуд, ки рушди босубот дар кишвар таъмин гардад, сатҳи некуаҳволии аҳли ҷомеа беҳтар ва натиҷаҳои бузург дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба даст оварда шавад.

Сию се сол мешавад, ки Тоҷикистони мутамаддин ва фарҳангӣ давлати соҳибистиқлол аст. Дар чахон кишварҳое ҳастанд, ки бо вуҷуди соҳибтамаддуну соҳибмиллат будан давлат надоранд, бедавлатанд. Мардуми курд 40-60 миллион нуфус доранд, вале давлат надоранд. Дар кишварҳои дигар зиндаги мекунанд, вале соҳиби давлати хеш нестанд.

Хотирнишон бояд кард, ки барои миллати тоҷик барои расидан ба соҳибистиқлолӣ осон набуд. Бо вуҷуди мушкилиҳо мардуми тамаддунофари тоҷик тавонист дар муддати беш аз се даҳсола истиқлоли давлатии худро аз фитнаву дасисаи бадхоҳони дохиливу хориҷии миллати тоҷик ва давлати тоҷикон содиқона ҳифз намояд, ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ хотима бахшида, сулҳу субот ва ваҳдати миллиро дар кишвар барқарор созад.

Яъне, тоҷикон ҳамчун миллати куҳанбунёд тавонистанд, ки монеаву мушкилоти эҷодкардаи душманони худро бо азми қавӣ ва иттиҳоду сарҷамъӣ бартараф карда, дар рӯзҳои хеле душвору сарнавиштсоз таҳти роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумхурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва зери парчами истиқлолу озодӣ муттаҳид гардида, давлати хешро ба рӯзҳои осудаву обод расонанд.

Истиқлолият волотарин ва пурарзиштарин дастоварди давлату давлатдории тоҷикон дар асри бистум аст, ки нахуст дар заминаи давлатҳои навтаъсиси Иттиҳоди Шӯравӣ арзи ҳастӣ намуда, бо вуҷуди баъзе беадолатиҳои марзию ҷуғрофӣ, ҳамчун шакли давлатдории мутамаддину пешрафта ташаккул ёфт, сабзид ва ба камол расид.

Инчунин, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви фаъоли созмонҳои бонуфузи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ доир ба масъалаҳои актуалии ҷаҳони муосир пешниҳодҳои худро иброз намуда, мавқеи худро муайян менамояд.

Тамоми сокинони кишвари озоду ободи мо имрӯз ифтихор доранд, ки сию се сол қабл нахустин хиштҳои пойдевори истиқлолияти воқеӣ ва давлатдории миллии худро ниҳода, аз шарофати мустақилият соҳиби рамзҳои давлатӣ – Парчам, Нишон ва Суруди миллӣ гардидем. Даврони Истиқлолият барои мо имкони воқеӣ фароҳам овард, ки роҳи имрӯзу ояндаи миллат ва пешрафти минбаъдаи кишвари азизамонро ба сӯи ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ интихоб намоем.

Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон рӯйдоди муҳими таърихие аст, ки дар ҳаёти миллати куҳанбунёди тоҷик гардиши кулливу сарнавиштсоз ба вуҷуд овард ва мардуми мо бо шарофати ин падидаи зиндагисоз тақдири имрӯзу ояндаи давлату миллатро ба дасти хеш гирифт.

Истиқлолияти давлатӣ таҳти роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба мардуми тоҷик имконияти нодири таърихӣ фароҳам овард, то зери парчами давлатиамон муттаҳид шуда, бо заҳмати аҳлонаву бунёдкорона бисёр мушкилоту монеаҳои сахту сангинро паси сар намоем ва давлатамонро ба марҳалаи рушди устувори иқтисодиву иҷтимоӣ расонем.

Дар соҳаҳои илму маориф, фарҳангу тандурустӣ, нақлиёту энергетика, саноату кишоварзӣ ва дигар самтҳои ҳаёти ҷомеа ислоҳоту навсозиҳо амалӣ гардида, ҳамкории мутақобилан судманди Тоҷикистон бо кишварҳои гуногуни олам густаришу тавсеаи сифатан нав пайдо намуд.

Истиқлоли давлатӣ Тоҷикистонро бо ҷаҳон ва ҷаҳонро бо Тоҷикистон наздик гардонид ва сиёсати «дарҳои боз» боиси болоравии бесобиқаи нуфузу обрӯи Тоҷикистон дар байни ҷомеаи байналмилалӣ гардид. Маҳз татбиқи чунин сиёсати дурбинона бо заҳмат ва талошҳои шабонарӯзии Пешвои маҳбуби миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба фарогиру мустаҳкам гардидани робитаҳои Тоҷикистон бо ҳамаи давлатҳои ҷаҳон, бахусус кишварҳои минтақа мусоидат намуд.

Дар ин давра Ҳукумати мамлакат ҳамаи саъю талошро ба хотири фароҳам овардани шароити зиндагии арзанда барои ҳар сокини мамлакат равона сохта, бо истифода аз тамоми захираву имконият барои ҳалли масъалаву мушкилоти соҳаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла илму маориф, фарҳангу тандурустӣ, ҷавонону занон, дастгирии гурӯҳҳои ниёзманду осебпазири ҷомеа, ҷалби ҳарчи бештари наврасону ҷавонон ба таҳсили босифат, дар рухияи ватандӯстиву ватанпарварӣ ва ҳисси баланди миллӣ тарбия кардани онҳо бисёр тадбирҳоро амалӣ гардонид.

Дар натиҷа, мо давоми беш аз се даҳсола ба дастовардҳое ноил гардидем, ки рушди минбаъдаи давлати соҳибистиқлоламон ба онҳо вобастагии мустақим дорад.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ Ҳукумати мамлакат бо бунёди роҳу пулҳо ва нақбҳо, неругоҳҳои барқи обӣ ва садҳо корхонаи хурду бузурги саноатӣ зербинои муосири коммуникатсионӣ ва энергетикиву саноатии мамлакатро гузошта, низоми ягонаи энергетикии ҷумҳуриро ба вуҷуд овард ва Тоҷикистони сепорчаро ба қаламрави воҳид ва давлати транзитӣ мубаддал гардонид.

Шиддатёбии бархӯрди манфиатҳои геополитикӣ дар дунёи имрӯза, вазъи нобасомони иқтисоди ҷаҳонӣ, норасоии шадиди озуқаворӣ, баланд гардидани нархи маҳсулоти ғизоӣ дар сартосари сайёра, инчунин яроқнокшавии бошитоб ва оғози дубораи «ҷанги сард», мушкилоти вобаста ба тағйирёбии иқлим ва паҳншавии бемориҳои сироятӣ моро водор менамояд, ки дар татбиқи ҳадафҳои стратегии миллӣ, пеш аз ҳама, ҳифзи амнияти озуқаворӣи мамлакат ва иҷрои нақшаву вазифаҳои дар наздамон қарордошта ҳарчи бештар ва фаъолона саҳм гузорем.

Имрӯзҳо кишвари мо баробари давлатҳои пешқадами дунё рӯ ба инкишоф ниҳодааст, ки ҳамаи ин аз баракати истиқлол мебошад. Маҳз талошҳо ва ҷонфидоиҳои шабонарӯзии Пешвои миллат мебошад, ки мо бо хотири ҷамъу осуда ба фаъолият машғул мебошем ва баҳри пешравии миллати худ дар арсаҳои гуногун, хосса дар арсаи илму маориф каме ҳам бошад саҳми худро мегузорем. Дар охир 33 соли озодӣ, солҳои рушди илму фарҳанг, рушди илму маориф ва рушди тамаддунро барои миллати сарбаланди тоҷик муборак бод гуфта, хоҳони онам, ки ин озодӣ пойдор боқӣ монад ва тавонем ба зара-зара арзишҳои ин озодӣ сазовор бошем.

# ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ – НИШОНАИ ПАСТ БУДАНИ МАЪРИФАТИ ҲУҚУҚӢ



Яқуб ҲАКИМОВ
ассистенти кафедраи ҳуқуқи маданӣ

Имрӯзҳо гурӯҳҳои террористиву экстремистӣ барои даъват ва ҷалб намудани шаҳрвандон ба сафҳои худ бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ роҳу усулҳои навро истифода карда, ҷавонони камтаҷрибаву ноогоҳро бо ғояҳои тундгароӣ гумроҳ месозанд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Терроризм ва экстремизм дар шароити кунунӣ, ҷинояти дорои хусусияти ҷаҳонӣ буда, мубориза бар зидди он ҳамкории пайвастаи доимӣ ва мутақобилаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқро тақозо менамояд. Гарчанде мубориза бо терроризм ва экстремизм вазифаи асосии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратӣ бошад ҳам, дар ин ҷода дастгирии ҳаматарафаи ҷомеа ва шаҳрвандон низ зарур аст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати аз байн бурдани ин зуҳуроти номатлуб ҳамеша чораҳои заруриро роҳандозӣ намуда, бо қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ ва таъсиси мақомоти дахлдори давлатӣ тадбирҳои судманд меандешад.

Бахшида ба 30-солагии рӯзи қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳамчун қонуни асосии кишвар заминаи эъмори давлати ҳуқуқбунёд, демократӣ, дунявӣ ва ягона мебошад, аз тарафи Президенти мамлакат, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паёми навбатӣ ба мақомоти қонунгузории кишвар соли 2024-ро "Соли маърифати ҳуқуқӣ" эълон доштанд.

Маърифати ҳуқуқӣ заминаи асосии рушди шуури ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ, тафаккури ҳуқуқӣ ва дониши ҳуқуқӣ маҳсуб ёфта, бо татбиқ ва амалинамоии он баландшавии дониши ҳуқуқии шаҳрвандон, эҳтиром ба қонун назаррас гардида, бо ин васила сатҳи нигилизми ҳуқуқӣ дар ҷомеа паст мегардад.

Муттаасифона тайи солҳои охир содир гардидани ҷиноятҳои хусусияти террористиву экстремистӣ дошта зиёд ба назар мерасад, ки ҳолати мазкур аз паст будани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандони ба ин кирдор дастзананда дарак медиҳад. Маърифати ҳуқуқӣ танҳо доштани донишҳои ҳуқуқиро дар назар надошта, ба ғайр аз ин фарҳанг ва тарбияи ҳуқуқиро низ фаро мегирад, зеро донистан ва дарк кардан нишонаи доштани маърифати ҳуқуқиро ба таври пурра надорад. Дар баробари донистану дарк кардани масъалаҳои ҳуқуқӣ дуруст амал кардану татбиқ намудани он низ ҳамчун ҷузъи ҷудонопазири маърифати ҳуқуқӣ ба шумор меравад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки агар аз як тараф содир гардидани ҷиноятҳои террористию экстремистӣ аз ҷониби шаҳрвандони гумроҳшуда ё ин ки бесавод ба назар расад, аз тарафи дигар баъзе шаҳрвандони дорои донишҳои ҳуқуқӣ дошта ба ин амал даст мезананд.

Ҳолати мазкур гувоҳи он аст, ки танҳо доштани дониши ҳуқуқӣ нишонаи маърифати ҳуқуқӣ набуда, дар баробари ин дарк кардан, дуруст амал кардан, эҳтиром ба давлату миллат ва вайрон накардани ҳуқуқу манфиатҳои шахсони дигарро метавон ҳамчун нишонаи маърифати ҳуқуқӣ баҳогузорӣ намуд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, яке аз ҳадафҳои асосии эълони гардидани "Соли маърифати ҳуқуқӣ" пешгирӣ ва аз байн бурдани кирдорҳои террористию экстремистидошта маҳсуб меёбад.

Масъалаи мазкур ҳамеша таҳти сиёсати махсуси давлат қарор дошта, Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳбарии хирадмандонаи Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва фаъолияти мақомоти давлатӣ ҷиҳати аз байн бурдани чунин зуҳуроти номатлуб мубориза мебарад.

Бинобар хатарҳои ҷиддӣ доштани ҳизбу ҳаракатҳои террористиву экстремистӣ бо аризаҳои даъвогии Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти 25 ҳизбу ҳаракатҳо ҳамчун ифротӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ карда шудааст.

Аз ҷумла, "Ҳизб-ут-Таҳрир", "Ал Қоида", "Ҳаракати исломии Туркистони шарқӣ", "Ҳизби исломии Туркистон", "Толибон", "Бародарони мусулмон", "Лашкари Тайиба", "Ҷамъияти исломии Покистон", "Ҷамъияти Таблиғ", "Ташкилоти динии миссионерии созмони Таблиғот", "Ҳаракати даъват ба Ислом", "Тоҷикистони озод", равияи "Салафия", ҷамоати "Ансоруллоҳ", "гуруҳи 24", "Давлати Исломии Ироқу Шом", "Ҷабҳату-ун-Нусра" ва "Ҳизби наҳзати ислом".

Мақомоти прокуратура яке аз ниҳодҳои муҳимми давлатдорӣ мебошанд, ки фаъолияти онҳо ба ҳифзи арзишҳои ҷомеаи демократӣ, қонуният, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои давлат ва ҷомеа, ошкору пешгирӣ намудани ҳуқуқвайронкуниҳо ва мубориза бо ҷиноятткорӣ равона гардидааст.

Воқеан мақомоти прокуратура ҳамчун ниҳоди назоратӣ ҷиҳати пешгирии эктремизм, терроризм ва киберҷиноятҳо нақши муҳим дошта, пайваста барои бартараф намудани ин амалҳои номатлуб чораҳои заруриро роҳандозӣ менамоянд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони солҳои истиқлолияти давлатӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии зиёде қабул карда шудаанд, ки маҳз барои бартараф намудани сабабу омилҳои гуногуни ба терроризму экстремизм мусоидаткунанда равона гардиданд.

Содир намудани амалҳои террористӣ ва экстремистӣ аз ҷумлаи ҷиноятҳои вазнин ҳисобида шуда, яке аз воситаҳои асосии пешгирии ин падидаҳои номатлуби ҷомеа дар қонунгузории ҷиноятӣ мустаҳкам намудани ҷазои вазнин нисбати онҳо мебошад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади пешгирии амалҳои террористӣ ва экстремистӣ дар сатҳи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии ҷиноятӣ барои содир кардани амалҳои террористӣ ва экстремистӣ пешбинӣ шудааст. Такмили пайвастаи қонунгузорӣ дар бораи ҷавобгарӣ барои экстремизм ва терроризм, аз ҷумла сари вақт ҷиноят эътироф намудани шаклҳои нави зоҳиршавии онҳо, инчунин муқаррар намудани муҷозоти мувофиқ барои содир намудани онҳо зарур мебошад.

Бо суръати баланд паҳн гардидани ақидаҳои ифротӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ, терроризми байналмилалӣ, тундгароӣ ва экстремизми сиёсӣ, хариду фуруши одамон, муомилоти ғайриқонунии маводи нашъадор ва дигар зуҳуроти ҷиноятткории трансмиллӣ муҳимият ва зарурати ҳамкориҳои ҳуқуқиро дучанд тақозо менамояд.

Пешрафти илмию техникӣ, пайдоиши Интернет, такмили технологияҳои нав ва хизматрасониҳои алоқа раванди афзоиши пайвастаи истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсиониро дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ба вуҷуд овард. Дар ин асос модели нави ҳамкории иҷтимоӣ ташаккул ёфт, ки асосан на ба муоширати шахсӣ, балки ба муоширати интерактивӣ, яъне дурдаст ва аксар вақт номаълум асос ёфтааст.

Афзоиши шумораи корбарон бо воситаҳои муосири алоқаи электронӣ на танҳо барои сиёсат, иқтисод ва фарҳанги тамоми кишварҳо, балки барои фаъолияти ҷиноятӣ низ имкониятҳои нав фароҳам овард. Сохтмони инфрасохтори иттилоотӣ-коммуникатсионӣ ба пайдоиши шаклҳои нави рафтори ба ҷомеа хатарноки шахс - ҷиноятткории компютерӣ сабаб шуд.

Ҳамин буд, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии худ дар соли 2022 чунин таъкид намуданд: мақомоти дахлдорро зарур аст, ки ҳамоҳангсозии фаъолиятро дар самти ошкор ва пешгирӣ намудани хавфу хатарҳои террористиву экстремистӣ боз ҳам вусъат бахшида, бо роҳи тақвияти корҳои фаҳмондадиҳӣ пеши роҳи гароидани ҷавононро ба равияҳои ифротгаро гирифта, онҳоро дар рӯҳияи садоқат ба халқу Ватан ва эҳтиром ба арзишҳои умумиинсонӣ тарбия намоянд. Дар робита ба ин, ҷиҳати пешгирӣ намудани ҷиноятҳои хусусияти экстремистиву террористидошта ва ҷиноятҳое, ки бо истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ содир карда мешаванд, зарур аст, ки Маркази ягонаи иттилоотӣ таъсис дода шавад.

Ҷиҳати иҷрои ин нукта бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сохтори Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маркази ягонаи иттилоотӣ оид ба пешгирии терроризм, экстремизм ва киберҷиноятҳо таъсис дода шуд.

Фаъолияти Марказ дар асоси Низомнома, ки бо Фармони Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, ҷиҳати ҷамъоварӣ, таҳлил ва арзёбии иттилоот оид ба ҷиноятҳои экстремистӣ, террористӣ ва киберҷиноятҳо, ташкили махзани ягона оид ба содиршавии чунин ҷиноятҳо, таъмини ҳамкорӣ ва дастгирии байналмилалӣ барои тафтиши онҳо, васеъ ва мустаҳкам намудани амнияти киберӣ, назорати татбиқи сиёсати стратегии иттилоотӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ ва дигар масъалаҳо ба роҳ монда мешавад.

Дар маҷмӯъ, қайд кардан бамаврид аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати муқовимат бо терроризм, экстремизм ва киберҷиноятҳо бо қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегии ин соҳа ва таъсиси сохторҳои алоҳидаи муборизабаранда ба ин зуҳурот нақши назаррас дошта, эълон гардидани "Соли маърифати ҳуқуқӣ" барои мубориза бо ин категорияи ҷиноятҳо амалӣ саривақтӣ маҳсуб меёбад.

Хавфу хатарҳои ҷаҳони имрӯза, аз ҷумла бештар гардидани шомилшавии ҷавонон ба ҳизбу ҳаракатҳои террористию экстремистӣ ва иштироки онҳо дар муҳорибаҳои ҷангӣ дар ҳудуди дигар давлатҳо, ҳамчунин аз тарафи шахсони дорои донишҳои ҳуқуқӣ содир гардидани чунин ҷиноятҳо хавфи воқеиро ба амнияту суботи кишварамон ба вуҷуд овардааст.

Аз ин лиҳоз, хуб мешуд барои вазъи ба миёномада фароҳам овардани заминаҳои дахлдори ташкилию ҳуқуқӣ ва фазои оштинопазирро бо экстремизм ва терроризм лоиҳаи Консепсияи миллии таъмини низоми амният барои солҳои 2025-2030 аз ҷониби мақомоти муборизабаранда ба ин зуҳурот таҳия карда шавад, зеро қабул гардидани ин барномаи давлатӣ дар соли маърифати ҳуқуқӣ амалӣ саривақтӣ ҷиҳати мубориза бо ин падидаи номатлуб маҳсуб меёбад.

Ҳамзамон, ҷиҳати баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ зарур аст пайваста корҳои тарғиботию ташвиқотӣ бо таъсиси гуруҳҳои корӣ аз ҳисоби ҳуқуқшиносони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва мақомоти давлатӣ ба воситаи баргузор намудани суҳбату вохуриҳои судманд дар ҳамаи деҳаю ҷамоатҳо, шаҳру ноҳияҳо, вилоятҳо ва тамоми ташкилоту идораҳои давлатӣ ҷоннок намуда, дар шабакаҳои телевизионӣ ташкили бештари барномаҳои ба масъалаҳои ҳуқуқӣ бахшида шуда мувофиқи мақсад аст.

Дар баробари ин, ташкил ва гузаронидани озмунҳо вобаста ба масъалаҳои ҳуқуқӣ дар сатҳи деҳаю ҷамоатҳо, шаҳру ноҳияҳо, вилоятҳо ва тамоми ташкилоту идораҳои давлатӣ ба баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии аҳолӣ метавонад мусоидат намояд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки солҳои охир аҳолии кишвар, бахусус ҷавонон бештар ба шабакаҳои иҷтимоӣ таваҷҷуҳ дошта, пайваста аз наворҳои блогерон (шахсони дар шабакаҳои иҷтимоӣ фаъол) истифода менамоянд. Аз ин лиҳоз ба мақсад мувофиқ аст, ки масъалаҳои ҳуқуқиро бо ин категорияи шаҳрвандон мавриди коркард қарор дода, бо истифода аз нашри наворҳои хусусияти ҳуқуқидошта маърифати ҳуқуқии аҳолиро баланд бардорем.



# САНАДИ ТАҚДИРСОЗИ МИЛЛАТ



**ШАРИФЗОДА МАҚСУД**
донишҷӯи курси 1

*Соли 2024 дар таърихи Ҷумҳурии Тоҷикистон марҳилаи муҳим ба шумор меравад. Яъне 30-солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷашн гирифта мешавад. Конститутсияи ҶТ 6-уми ноябри соли 1994 ба тариқи раъйпурсии умумихалқӣ қабул гардидааст. Ин натанҳо санади ҳуқуқӣ, балки ҳуҷҷатест, ки асоси соҳибихтиёрии миллӣ, суботи сиёсӣ ва рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар гардидааст. Конститутсия ба тамоми ҷанбаҳои ҳаёти кишвар таъсир гузоштааст. Он рамзи давлатдорӣ, ваҳдати миллӣ ва адолати иҷтимоӣ мебошад. Тавассути он Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун як кишвари мустақил ва пешрафта шинохта шудааст.Ҳар як шаҳрванд дар Тоҷикистон бо шарофати ин қонун озодона зиндагӣ мекунад ва имкони рушди шахсиро дорад.  Конститутсияи мо ба тамоми мардуми тоҷик имкон фароҳам овард, ки озодона зиндагӣ кунанд, кору таҳсил намоянд ва дар дохили кишвар ва ё дар арсаи байналмилалӣ фаъолияти пурсамар дошта бошанд.*

Пешвои муаззами миллат дар паёми шодбошии худ ба муносибати рӯзи Конститутсия қайд намудаанд: “Омӯхтан, донистан, эҳтиром гузоштан ва риоя намудани Конститутсия – ин санади сарнавиштсоз вазифаи ҳар як шаҳрванди кишвар – аз хурд то бузург мебошад.”

Қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони душвори соҳибистиқлолӣ сурат гирифт. Кишвар ба оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ ва барқарории ваҳдати миллӣ рӯбарӯ буд. Ин санад дар раванди мусолиҳаи миллӣ ва барқарории сулҳ пас аз ҷанги шаҳрвандӣ нақши калидӣ бозида, заминаи ҳуқуқии ваҳдату якпорчагии кишварро фароҳам овард.  Бо шарофати Конститутсия мо имрӯз як ҷомеаи дорои ҳуқуқҳои баробар ва озодӣ ҳастем, ки дар он адолат ва эҳтиром ба шахсият дар маркази таваҷҷуҳ қарор дорад.

Яке аз ҷанбаҳои муҳимтарини Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон мебошад. Он ба ҳар як шаҳрванд ҳуқуқ ба зиндагии шоиста, баробарӣ дар назди қонун ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои асосӣ кафолат медиҳад. Ба озодии баён, виҷдон ва дин таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда мешавад, ки ба рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ ва демократӣ мусоидат мекунад. Конститутсия инчунин барои иштироки насли наврас дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсии кишвар имкониятҳои васеъ фароҳам меорад. Он барои ҷалби бевоситаи ҷавонон ба раванди қабули қарорҳо ва рушди ташаббусҳои шаҳрвандӣ шароити мусоид фароҳам меорад.

Насли ҷавони Тоҷикистон дар рушди ояндаи кишвар низ нақши калидӣ дорад. Конститутсия ба ҷавонон барои худшиносӣ, иштирок дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ, инчунин иштироки фаъолона дар рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ тамоми имкониятҳоро фароҳам меорад. Сол то сол аҳаммияти нақши ҷавонон дар татбиқ ва ҳифзи ҳуқуқҳои конститутсионӣ меафзояд.




Имрӯз, вақте ки 30-солагии ин санади муҳимро ҷашн мегирем, бо ифтихор метавонем бигӯем, ки Тоҷикистон дар натиҷаи дастгириҳои қонуни асосии худ- Конститутсия ба як кишвари пешрафта, орому озод ва муттаҳид табдил ёфтааст. Мардуми мо ба шарофати ҳуқуқҳои баробар ва озодиҳои кафолатдодашудаи Конститутсия дар сулҳу субот зиндагӣ доранд ва ҳар як шахс имконияти ба амал овардани орзуву ҳадафҳои шахсии худро дорад.

Дар ин рӯзи фархунда, тамоми мардуми Тоҷикистонро ба муносибати 30-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон самимона табрик намуда, барояшон ҳаёти осоишта, тандурустӣ, саодати шахсӣ ва муваффақиятҳои бузург дар ҳама ҷабҳаҳои зиндагӣ таманно менамоям. Бигзор дар оянда низ Конститутсия чун як пояи мустаҳками ҳуқуқӣ моро ба сӯи пешрафтҳои нав ба нав раҳнамун созад.